**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**
**САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

**ФИЛОЛОГИЯ ФАКУЛЬТЕТИ**

**Тожик тили ва адабиёти кафедраси**

5120100– филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили

Сирожиддинов Шохрух Икромзоданинг

# Тожик тилида адаш кесимлари (содда, таркибий) ва уларнинг фарқи

мавзусидаги

## БИТИРУВ МАЛАКАВИЙ ИШИ

Илмий раҳбар: Ўқит. А.Хонхўжаева

**Самарқанд – 2018**

# М У Қ А Д Д И М А

**Рўзмаррагии мавзўъ:** Рўзмаррагии мавзўъ аз он иборат аст, ки дар Ўзбекистон аз рўзҳои аввали мустақилї нисбати эҳё ва инкишофи минбаъдаи маънавияти бузургамон аҳамияти махсус дода мешавад. Бинобар ҳамин такмил додани системаи таълими миллї, баланд бардоштани асосҳои миллии он, ба дараљаи талаботи љаҳонї мувофиқ намудани таълиму тарбия тақозои замон аст.

“Талаботи ин қонун тақозо мекунад, ки роҳу усулҳои омўзиши забони тољикї ҳам аз нав дида шуда, дар онҳо дигаргуниҳо дохил карда шавад. Забони тољикї дар љумҳурии мо ба сифати забони модарии халқи маскуни Ўзбекистон дар мактабҳои умумитаълимї омўзонида мешавад,аз ин боис ин масъала аҳамияти муҳимми давлатї касб мекунад”. Барои дуруст ба роҳ мондани кори таълиму тарбия дар тамоми марҳилаҳои инкишофи маорифи халқ дарс ҳамчун шакли асосии кори таълим мавқеи асосиро ишғол карда меояд. Барои муайян кардани усулҳои таълим бештар аз қисми назарии Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Рустамов, Б.Гадоев, С.Атобуллоев, Т.М.Қудратов, Д.Хўљаев, А.Эшонљонов, Т.Нафасов, М.Набиев, М.Қосимова, Х.Ҳусейнов, И.Норова, И.Исмоилов, Д.Тољиев, Б.Сиёев, Н.Маъсумї, М.Исматуллоев, Х.Ҳамроқулов, М.Истамова барин олимоне, ки мутахассисони таърихи забон, забоншиносии умумї, забони адабии ҳозираи тољик қисми 2 истифода кардам.

**Мақсад ва вазифаҳои кори хатмии малакавї.** Яке аз мухимтарин вазифаҳо, ки истилоҳоти мактаби маълумоти умумї дар назди мактаб гузоштааст, ба меҳнати фоиданоки љамъиятї ва интихоби бошууронаи касб комилан тайёр кардани насли наврас мебошад. Вазифаи мураккаб ва серсоҳаи дар назди мактаби имрўза гузоштаи љамъият талаб менамояд, ки дарс ва усули гузаронидани он боз ҳам такмил дода шавад. Ҳоло сохт ва схемаи анъанавии дарсҳои пешин ,ки дар онҳо баёни муаллим мавқеи асосиро ишѓол мекард, як дараља таѓйир дода шудааст.

Мақсад ва шарти муҳимми самарабахши дарсҳои забони модарї гуногуншаклии тарзу усули ба хотир оварист. Аз ин љиҳат на танҳо аз нав ба хотир овардани материали омўхташударо дар бар мегирад, балки он бояд шогирдонро ба эљодкорона дарк намудани маводи таълим равона месозад. Мақсад ва вазифаҳои кори хатмиам иборат аз он аст, ки таълимро дар асоси технологияи нави таълим гузаронида бештар ба инкишофи тафаккури шогирдон,инчунин хонандагонро ба бодиққатї, љустуљуї, фикркунї, худёфтану худсохтан водор намуда, онҳоро то як андоза нисбат ба илми забоншиносї тайёр буданро омўзонидан аст.

**Дараљаи омўзиши мавзўъ:** Муаллими забон вазифадор аст, ки дар дарсҳои забони тољикии синфи VIII - ҳиссу эҳсосоти хонандагонро нисбат ба таҳлили синтаксисї бедор намуда, донанд,ки дар омўзиши синтаксис (наҳв) ҳисси олимони забоншиносии тољик ба монанди: С. Аслиддинов, С. Иброҳимов, М. Истамова, С.Атобуллоев, Б.Гадоев, Ш.Кабиров, М.Набиев, Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Рустамов,Н.Маъсумї саҳми муайяне гузоштаанд. Ҳамин масъаларо ба эътибор гирифта мавзўи **“ Хабарҳои номї ва ифодаёбии он дар забони адабї**” - ро дар асоси усули муаммовї таҳлилу тадқиқ карда шуд.

**Нововарии илмї:** Талаботи дигари тарбиявии дарс дар назди муаллимон вазифа гузоштааст, ки ба рафти таълиму тарбия эътибори љиддї диҳанд, дар хонандагон сифатҳои баланди ахлоқу адаб, поквиљдонї, муҳаббат ба Ватан ва меҳнатдустиро тарбия намоянд ҳар як муаллим ҳам дар синф ва ҳам берун аз он ба саволҳо ва фикру мулоҳизаҳои хонандагон ҳамеша љавобҳои асоснок ва боварибахш дода тавонад.

Талаботи дидактикї бошад, ташкил ва бо маҳорати баланд гузаронидани дарсро дар назар дорад. Муаллим бояд ҳар як дақиқаро самаранок истифода барад, мавзўъро мувофиқи мақсад ба хонандагон фаҳмонида диҳад, ба љиҳати таълимї ва тарбиявии дарс эътибори махсус диҳад. Нововарии илмї аз он иборат аст, ки маротибаи аввал доир ба ин мавзўъ аз нуқтаи назари методї даст зада шуд. Пеш аз ҳама онро бояд ба

эътироф гирифт, ки маводи додашуда дар китобҳои дарсї хеле ноқис додашуда бошад хам, бо вуљуди он аз адабиётҳои беруна, аз мақолаю дастурҳои илмї истифода карда бо усули таълими анъанавию ноанъанавї корро ба анљом расонида тавонистем.

**Предмет ва объекти кори хатмии малакавї:** Объект ва предмети тадқиқот асосан аз чунинҳо иборатанд: С.Аслиддинов, С.Иброҳимов, "Таҳлили забони модарї дар синфи IV - VIII" (дастури методї). М.Истамова "Масъалаҳои муҳими таълими забони тољикї дар синфҳои V-IX" М.Истамова, Г.Адашуллоева "Методикаи таълими забони тољикї" (дар асоси технологияи нави педагоги). М. Қурбонов "Инкишофи нутқи хонандагон дар дарси забони модарї", М. Қудратов, Т. Нафасов "Лингвистик таҳлил". С. Хўљақулов "Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тољик"

**Аҳамияти илмии кори хатмии малакавї:** Бори аввал тадқиқи мавзўи **"Хабарҳои номї ва ифодаёбии он дар забони адабї"** ки яке аз мавзўъҳои васеу доманадор аст ва қисматҳои гуногунро дар бар мегирад, дар асоси технологияи нави педагогї ва таълими муаммовї ба эътибор гирифта шуд. Аҳамияти ин мавзўъ иборат аз он аст. ки материали он барои муаллимони мактабҳои таълими умумї, хусусан барои муаллимони љавон, барои донишомўзони равиши бакалаврї ҳамчун маводи ёрирасон хизмат карда метавонад.

**Сохт ва структураи кори хатмии малакавї:** Кори хатмии малакавии ман **"Хабарҳои номї ва ифодаёбии он дар забони адабї"** ном дошта онро ҳамчун кори хатмї малакавї интихоб намуда, аз рўи нақшаи тартибдодаам тадқику таҳлил намудан дар назар дошта шуд.

Сохт ва структураи кори хатмии малакавии ман чунин аст: муқаддима, ду боб, хулоса, феҳрасти адабиётҳои истифодашуда. Дар муќаддимаи кори хатмї оиди масъалањои зарурати интихоби мавзўъ, дараљаи омўзиши он, навоварии илмии кори хатмї, маќсад ва вазифањои кор, предмет ва объекти кори малакавї ва сохти кори илмї сухан рафта, дар боби аввал, ки "**Хабарҳои**

**номї ва ифодаёбии он дар забони адабї**” ном дорад, фикру мулоњизањои оиди масъалаи мазкури мо иброз гаштааст. Боби дуввуми кор, ки **“Таркиби хабарҳои номї** ” ном дорад, фикру мулоњизањои оиди ин масъала доштаи моро ифода менамояд. Дар хулосаи кор аќидањои хулосавї ва љамъбастии мо гирд омадаанд ва дар охири кор рўйхати адабиётњои истифода гардида илова карда шудааст.

Синтаксис калимаи юнонй буда, маънии **тартиб додан, бунёд намудан** ва **сохт**ро дорад. Ин маъниҳо ба вазифаи синтаксис чун як қисми грамматика мувофиқат мекунад, зеро синтаксис чун илми мустақили људогона доир ба љумла ва ибора, роҳу воситаҳои ташаккули воҳидҳои забон маълумот медиҳад. Калимаи арабии **«наҳв»** бо синтаксис муродиф буда, дар забоншиносї ба ҳамин вазифа истифода мешавад.

Синтаксис бо тамоми қисматҳои забоншиносї: бо морфология, лексикология, фонетикаву услубшиносї алоқаи зич дорад. Алоқаи зичи синтаксисро бо морфология махсус қайд кардан лозим аст, зеро онҳо дар якљоягї грамматикаро ташкил медиҳанд.

Синтаксис қисмати муҳимми забон буда, ҳама гуна фикр бо ёрии воҳидҳои он ифода мегардад. Ба воҳидҳои асосии синтаксис ибора, љумлаҳои содда ва мураккаб дохил мешавад.

Аз Юнони қадим сар карда то имрўз дар маркази баҳси синтаксис љумла меистад. Љумларо олимон ба таври гуногун маънидод ва шарҳ додаанд.

«Дар масъалаи мавзўи баҳси синтаксис низ олимон ба се гурўҳ људо шудаанд. Як гурўҳи онҳо: Б.Делбрюк, Г.Г. Почевсов ба предмети асосии омўзиши синтаксис танҳо љумла ва аъзоҳои онро, гурўҳи дуюм – Ф.Ф. Фортунатов, В.К.Поржелинский, М.И.Петерсон, А.М.Пешковский ибораро предмети асосии синтаксис шуморидаанд. Аксари олимон – В.В.Виноградов, Н.Ю.Шведова, В.Л.Белошанкова, О.С.Ахманова ба предмети аосии

синтксаксис ҳам љумла ва ҳам ибораро дохил мекунанд, ки дуруст ва асоснок мебошад».[1]

Дар солҳои охир омўзиши забони тољикї суръати махсус пайдо мекунад. Дар ин давра корҳои илмї-тадқиқотї бо ављи тамом пеш мераванд. Суръати тадқиқ ва омўхтани соҳаҳои алоҳидаи забоншиносии тољик хеле зиёд мешавад. Шумораи олимони забон, тадқиқотчиёни забони тољикї рўз аз рўз афзудан мегирад. Дар натиља илми забоншиносї торафт комёбиҳои нав ба навро ба даст меоварад.

Бояд эътироф кард, ки қадами аввалинро дар боби синтаксиси љумлаҳои содда академики Академияи фанҳои РСС Тољикистон, доктори фанҳои филологї, профессор Б.Н.Ниёзмуҳаммадов гузошт. Тадқиқоти Б.Н.Ниёзмуҳаммадов дар масъалаи омўзиши забони адабии тољик ва махсусан дар соҳаи синтаксис ибтидои марҳилаи нав ҳисоб меёбад. Бо ҳамин, дар солҳои минбаъда майлу рағбати олимон ба омўхтани соҳаҳои гуногуни грамматикаи забони адабии тољик беш аз пеш зиёд шудан мегирад. Асари Д.Тољиев дар соҳаи синтаксис ба қатори тадқиқотҳои мукаммали сохти грамматикии забони ҳозираи тољик дохил мешавад.

М.Исматуллоев ҳам дар мавзўи «Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи тољик» диссертатсияи номзодї ҳимоя карда, онро аввал ба забони русї ва баъдтар, ба забони тољикї аз чоп мебарорад.

Соли 1968 профессор Б.Ниёзмуҳаммадов бо ҳаммуаллифии Ш.Рустамов китоби дигареро бо унвони «Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тољик»-ро ба табъ мерасонад.

Дар китоб муҳимтарин масъалаҳои синтаксиси забони ҳозираи тољик, ки то имрўз пурра ва ё ҳељ тадқиқ нашудаанд, мавриди омўзиш қарор ёфтаанд. Китоби номбурда барои муаллимони мактабҳои миёна, донишљӯён, муаллимони мактабҳои олї, барои тадқиқотчиён ва

[1] Норматов М. Чумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, «Маълумот»-2001, саҳ. 4. (183 саҳифа).

мутахассисони соҳаи забони тољикї чун як манбаи пурқиммат хизмат карда метавонад.

Ғайр аз асарҳои номбурда боз якчанд корҳои тадқиқотии доир ба грамматикаи забони тољикї анљом додашудаи муаллифони људогона, монанди Х.Ҳусейнов «Љумлаи мураккаби тобеъ бо љумлаҳои пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тољик», М.Қосимова «Љумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тољик», Ш.Рустамов «Љумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии тољик», И.Норова «Мухотаб ва калимаю ибораҳои туфайлӣ дар забони тољик», А.Эшонљонов «Хабарҳои номї ва тарзи ифодашавии онҳо», И.Исмоилов «Зарф дар забони адабии ҳозираи тољик», М.Исматуллоев «Ҳам макон ва замон», Б.Сиёев «Таърихи љонишинҳои забони тољикї» аз чоп баромада, дастраси умум гардидаанд.

Ғайр аз ин, доир ба масъалаҳои гуногуни грамматикаи забони тољикї аз тарафи олимон Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Ниёзї, Д.Тољиев, Н.Маъсумї, М.Исматуллоев, Х.Ҳусейнов, Б.Сиёев, Ш.Рустамов, Х.Ҳамроқулов ва дигарҳо як қатор мақолаҳо навишта шудаанд.

Ба ҳамин тариқ, агар ба ҳамаи ин корҳои тадқиқотии ба итмом расонидани муаллифони болої боз мақолаҳои сершумори дар матбуоти даврагї чопшуда ва инчунин корҳои илмие, ки кайҳо боз ҳамчун диссертатсия  ҳимоя шудаанду аммо бо сабабҳои гуногун то имрӯз нашр нашудаанд, илова намоем, бо боварии том метавон гуфт, ки дар давоми ин солҳои охир омӯзиши илмии грамматикаи забони тољикї, махсусан соҳаи синтаксис, хеле ављ гирифта, бо суръати калон пеш меравад.

Ҳамин тариқ, синтаксис як қисмати муҳимми грамматика буда, доир ба љумла, ибора, хелу намуд, сохту таркибҳои иборау љумла, аъзоҳои љумла ва инчунин роҳу воситаҳои алоқаи байни калимаҳо ва иборау љумла маълумот медиҳад.

# Б О Б И  I

# ИФОДА ШУДАНИ ХАБАР БА ВОСИТАИ ҲИССАҲОИ ГУНОГУНИ НУТҚ

Дар забон инчунин гурӯҳҳои грамматикӣ мављуданд, ки нафақат калимаҳо, балки шаклҳои грамматикии онҳоро низ дар асоси умумияти маънои грамматикӣ ва ё алоқаи синтаксисиашон дарбар мегиранд. Гурӯҳҳои грамматикӣ дар навбати худ ба морфологиву синтаксисӣ људо мешаванд.

Гурӯҳҳои морфологӣ хелҳои калимаҳои мустақилмаъное мебошанд, ки бо умумияти маънои ҳақиқии грамматикӣ муттаҳид шудаанд. Калимаҳо вобаста ба он, ки аз љиҳати шакл тағйир меёбанд ё не, ба ду гурӯҳ људо мешаванд.

1) Калимаҳои тағйирёбанда. 2) Калимаҳои тағйирнаёбанда.

Калимҳоеро, ки шакли худро тағйир медиҳанд тасрифшаванда низ меноманд. Ба гурӯҳи калимҳои тасрифшаванда дар забони тољикӣ пеш аз ҳама феъл дохил мешавад. Исмҳои љинс аз рӯи шумора ва як қисми сифату зарфҳо аз рӯи дараља низ тасриф мешаванд. Маънои шаклҳои феъл ба воситаи шахс, шумора, замон, сиға ва тарз зоҳир мегардад. Барои феъл маънои шумора, замон ва сиға умумист.

Ҳиссаҳои гуногуни нутқ ҳамчун исм, сифат, шумора, зарф ва дигар мафҳумҳои сифатию исмӣ, инчунин сифатҳои феълӣ дар ташаккул ёфтани хабарҳои номӣ мавқеи муҳим мебозанд. Онҳо холис, ба воситаи бандакљонишинҳои хабарӣ ва бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи **«будан», «шудан», «ҳаст», «гардидан»** ва дигарҳо дар якҷоягӣ бо ҳиссачаҳои тобишдиҳанда хабар шуда омада метавонанд. Категорияи исм дар ин љо аз ҳама серистеъмолтар аст ва ҳамаи категорияҳои исм ба вазифаи хабари номӣ омада метавонанд.

### 1.1.Ба воситаи исм ифода ёфтани хабар

**Исмҳои хос :** Яке аз чунин касон дар тољикон **Юсуф Вафост.**

Ҳамин љавон **Абӯалӣ ибн Синост.**

Яке аз шаҳрҳои қадими Осиёи Миёна **Бухорост.**

Ин дарё **Сир аст.**

Номи падарат? – **Бозор.**

- Куљої мебошї? – **Кўлобї.** (С.Айнї)

Дар ин гурўҳи мисолҳо калима ва ибораҳои **Юсуф Вафо, Абўалї ибни Сино, Бухоро, Сир, Бозор, Кўлобї** қатъи назар аз таркиби худ, хабарҳои номие мебошанд, ки тарзи ифодаёбиашон гуногун аст. Аммо қайд кардан зарур аст, ки доираи ба вазифаи хабар омадани исмҳои хос, хоҳ љондор ва хоҳ бељон, дар забони адабии тољик нисбатан маҳдуд мебошад.

«Дар забони адабии ҳозираи тољик ҳамин факти забониро низ қайд кардан зарур аст, ки ба вазифаи хабар омадани исмҳои хос бо феълҳои ёридиҳанда не, балки холис ва ё бо бандакљонишинҳои хабарї бештар ифода меёбад».[1]

Мисолҳо:

1. Ҳаштуми март **иди зан ва духтарон аст.**

2.Пойтахти Ватани мо **Тошканд (Тошкент) аст.**

Дар ин гурўҳи мисолҳо ибораҳои тафсилї ва исмҳои хоси људогона, монанди **иди зан ва духтарон аст, Тошкент аст** аз қабили хабарҳои номианд, ки ба воситаи исмҳои хос ифода ёфтаанд.

«Дар забони адабии ҳозираи тољик ба вазифаи хабар омадани исмҳои љинс нисбат ба исмҳои хос сермаҳсултар ва серистеъмолтар аст. Қатъи назар аз сохташон, ҳамагуна исмҳои љинс ба сифати хабар омада метавонанд, ки аз чиҳати ифодаёбї ҳархела буда, бо ёрии феълҳои ёридиҳанда, холис ва бо васл шудани бандакљонишинҳои хабарї гурўҳи бисёр паҳншудаи хабарҳои номиро медиҳанд».[2]

**Исми љинс :** Беҳтарин қадрдон ва мунаққиди адабиёт **халқ аст.**

Тобистон кўча **пур аз чангу ғубор,** зимистон бошад, вай **макони лой аст.**

С.Айнї – **нависанда ва олим.**

---

[1] А.Эшончонов. Хабарҳои номй ва тарзи ифодашавии онҳо. Нашриёти «Ирфон», Душанбе – 1979с, саҳ.4.

[2] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. (қисми 2), нашриёти «Дониш», Душанбе – 1986с. саҳ. 237-238.

Боғи мо, бўстони мо **об аст.**

Гапи кўтоҳ, љони мо **об аст.** (С.Айнї)

Баъзе аз исмҳо бо бандакљонишинҳои хабарї ва қисми дигарашон бе бандакљонишинҳо, яъне холис хабар шуда омадаанд. Дар ин бобат хабар шуда омадани исмҳои љинс нисбат ба дигар ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Аммо дар ҳолати  хабар шуда омадани исмҳо ҳарчанд холис омада бошанд ҳам, ин ё он бандаки хабарї тасаввур карда мешавад.

Мисолҳо:

1. Муфтхўру порахўр – доимо **ҳамсоя,**

2. Меҳнат **акнун шараф аст** ин љо,

   Меҳнат **асбоби роҳат аст** ин љо. (С.Айнї)

3. Зиёфатхўр **хушомадгўй аст,**

   Хушомадгўй **зиёфатљўй аст.**

4. **Ҳасанам** ман. **Ҳасанаробакашам.** (М.Турсунзода)

Дар ин мисол ёридиҳандаи феълии **«ҳаст»** ба калимаи Ҳасан (хабар) ба сифати бандаки хабарї омада, аҳамияти замонии худро нигоҳ медорад ва бо калимаи «ман» (мубтадо) аз рўи шахс ва шумора мувофиқат кардааст, ки ба воситаи он муносибати мубтадову хабар боз ҳам равшантар мегардад.

**Ба воситаи ёридиҳандаи «будан» хабар шуда омадани исмҳо**

1. Дасташ **даст набуд, оҳан буд.** (С.Улуғзода)

2. Оянда **Қорй-Ишкамба буд.** (С.Айнї)

3. Ин **саройбони сарои «Кавказ» буд.** (С.Айнї)

4. Ин мард **Амонов буд.** (С.Улуғзода)

5. Тезфикр, олиҳунар, некахтару ширинсухан, ҳусни ўву фикри ў **бошад чароғи анљуман.** (Н.Маъсумї)

6. Аксари ин дугонаҳо кайҳо

   **Духтарони ба қадрасида буданд.** (М.Турсунзода)

**Ба воситаи ёридиҳандаи «шудан», «гардидан»**

**хабар шуда омадани исмҳо**

Ёридиҳандаи **«шудан»** дар ташкил додани хабарҳои номӣ хеле серистеъмол аст ва бо исмҳо дар якҷоягӣ хабарҳои номии таркибӣ мавқеи алоҳидаро ишғол мекунад.

Мисолҳо:

1. Вай **сардори як дастаи шашкаса шуд.** (С.Улуғзода)

2. Оинаю шонаю қайроқ **садди роҳи дев мешавад** (аз афсонаҳои тоҷикӣ).

3. Ҳамин ҳам **гап шуд-мӣ.**

4. Ду-се рӯзе **шудам меҳмони Дарвоз,**
Намудам сайри ҳар бӯстони Дарвоз. (А.Деҳотӣ)

Аз мисолҳо бо ёрии «ҳаст» ифода ёфтани хабарҳо хоҳ тафсилӣ ва хоҳ дар шакли ғайритафсилӣ, дар назми забони тоҷик бештар мушоҳида карда мешавад.

Мисолҳо:

1. Ман кунун **бино ҳастам,**
**Олиму доно ҳастам.** (А.Лоҳутӣ)

2. Шумо, эй навҷавонони зафарманд,
Ба мулки худ чу ҷон **ҳастед пайванд,**
Ки дар ин мулк **боғистон ҳастед,**
Зи дидори шумо гулҳо **шакарханд.** (Р.Озод)

3. Гуфт: - Беҳуда хун макун дилро,
Гапи бисёр **ҳаст як хара бор.** (М.Турсунзода)

Акнун типи дигари мисолҳоро аз назар мегузаронем.

1. Ман **муаллимаи мактаби миёна ҳастам.** (Ҳ.Карим)

2. Ман **писари шумо ҳастам.** (С.Улуғзода)

Исмҳои гуногун дар якҷоягӣ бо ёридиҳандаи гурӯҳи дуйум ва сейум: **кардан, намудан, гардидан, шумурдан** ва ғайраҳо низ хабар шуда омада метавонанд.

Якчанд мисол:

1. Вай дар мактаб **яке аз талабагони аълохон шуморида мешуд.**

2. Агар ин сатрҳои самимонаи ман **боиси қаҳри шумо гардад,** гуноҳ ба гардани соҳибаш. (Ф.Ниёзї)

3. … истибдоди амири Бухоро **зеру забар гардид.** (Ф.Ниёзї)

4. Кабкҳои дарй гоҳо бо теға ва гоҳо дар камар **сайру гашт менамуданд.** (С.Айнї)

5. Ў худро **талабаи пешқадам мешумурд.**

6. Хўљаини ман онҳоро ба дари худ **ятим, чорьяккор ва мардикор кард.** (С.Айнї)

**1.2. Ба воситаи сифат ифода ёфтани хабар**

Сифат ҳам монанди исмҳо дар ифодаи хабар мавқеи махсусро ишғол мекунад. Сифатҳо дар забони адабии тољик ҳам ба шакли холис ва ҳам ба воситаи қабул кардани бандакљонишинҳои хабарї бо илова намудани феълҳои ёридиҳандаи **«будан», «шудан», «гардидан», «намудан», «кардан», «шуморидан»** ва ғайра дар якчоягї гурўҳи калони хабарҳои номиро ташкил медиҳанд, ки аз чиҳати сохт ва таркиби худ ҳархела буда, дар тарзи ифодаи хабарҳо бо исмҳо қариб як хел мебошанд.

**а) Ба воситаи сифатҳои аслї холис ифода ёфтани хабарҳо**

1. Замин **сахт,** осмон **баланд.** (зарб.)

2. Ҳама љоям **сусту муст,**
   Фақат ишкамам **дуруст.** (зарб.)

3. Хонаҳояшон – **нағзу хушсифат.**

4. Боғчае, ки вай
   **Хурду бебаҳо**
   Шохи ҳар дарахт – **сабзу хушнамо.** (Диёрї)

5. Косаи шир **оболуд,**
   Танбалхўча **хоболуд.**

6. Аз ҳамон рўз боз як кунчи дилам пушти дег барин **сиёҳ.** (А.Деҳотї)

7. Дар **каљу** девор **каљ.**
   Ҳам вассаю болор **каљ.**

Дар ин гурӯҳи мисолҳо калима ва ибораҳои: **сахт, баланд, сусту муст, дуруст, нағзу хушсифат, хурду бебаҳо, сабзу хушнамо, оболуду хоболуд, сиёҳ, кач** ва ғайра гурӯҳи сифатҳои аслї буда, холис хабар шуда омадаанд.

**б) Ба воситаи бандакҳои хабарї ва сифатҳои аслї ифода шудани хабарҳо.**

«Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки дар суръати хабар шуда омадани сифатҳои аслї бандаки хабарии шахси сеюми танҳо **аст(ст)** мавқеи махсусро ишғол мекунад ва бештарин хабарҳои суратнаёфтаи сифатї ба воситаи бандаки **аст** ифода меёбад».[1]

Мисолҳо:

1. Ҳавои ин љо монанди танӯри тафсон **гарм аст.**

2. Бозор **бемор аст.** (С.Айнї)

3. Ин қишлоқҳо дар теппаи кӯҳ буда, роҳашон **каљу килеб аст.**

4. Хӯљаини мо **як ахмақи дарунсиёҳ аст.** (С.Айнї)

Дар ин гурӯҳи љумлаҳо калима ва ибораҳои **гарм аст, бемор аст, каљу килеб аст, ахмақи дарунсиёҳ аст,** ба гурӯҳи хабарҳои номии суратёфта дохил мешаванд.

**в) Хабар шуда омадани сифатҳои аслї.**

Хабар шуда омадани сифатҳои аслї ба воситаи феълҳои ёридиҳандаҳои **"будан", "шудан", "гардидан", "намудан", "кардан"** ва дигарҳо дар забони тољикї хеле зиёд аст.

Мисолҳо:

1. Зиндагонии Раҳими қанд хеле **танг буд.** (С.Айнї)

2. Дарахтонаш ҳама **навниҳол буданд.** (А.Деҳотї)

3. Раҳрави ҳавлї **тангу торик буд.** (С.Айнї)

4. Аммо каллаи ин одам аз одат берун **калон буд.** (С.Айнї)

5. Рӯи ин шахс **сабзина ва пурра буд.** (С.Айнї)

6. Лек андар замони пеш ин об,

**Буд** чун љони одамї **ноёб.** (С.Айнї)

[1] Муродалӣ Нибиев. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, «Маориф», соли 1992с., саҳ. 55.

7. Анорҳо **калон-калон, хушранг ва беиллат шуданд.** (А.Деҳотї)

8. Аз равуой аспи таърифї,

Наълафсурда, ланг, лоғар шуд. (М.Турсунзода)

9. Дунё ба назараш **сиёҳ ва торик шуд.** (С.Айнї)

Дар ин гурўҳи мисолҳо сифатҳои аслї ба воситаи ёридиҳандаҳои "**будан", "шудан"** хабар шуда омадаанд.

**г) Хабар шуда омадани сифатҳои таъкидї.**

Дар забони адабии тољик сифатҳои таъкидї низ хабар шуда омада метавонанд.

"Сифатҳои таъкидї баъзан холис, баъзан бо ёрии бандакҳои хабарї ва баъзан ба воситаи феълҳои ёридиҳандаи **"будан"** ва **"шудан"** ба сифати хабар меоянд ва ҳарчанд бо мубтадо мувофиқат накунанд ҳам ба маънои љумла халал намерасад".[1]

Якчанд мисолҳо:

1. Гирду пеш – **сип-сиёҳ.** (А.Деҳотї)

2. Ришаш **сип-сиёҳ.** (С.Улуғзода)

3. Писаратон **каппа-калон,** айни вақти хонадоркунї. (Р.Љалил)

Дар ин мисолҳои овардашуда сифатҳои таъкидї **сип-сиёҳ, каппа-калон,** хабарҳои номї буда, бо калимаҳои – мубтадоҳои **гирду пеш, писаратон** алоқаи грамматикї пайдо карда, бе ёрии бандакҳои хабарї ва феълҳои ёридиҳандаи **"будану шудан"** ифода ёфтаанд.

1. Ў дина **дуб-дуруст буд-ку.** (А.Деҳотї)

2. Асилбек **суп-сурх шуд.** (А.Деҳотї)

3. Таги дилам **тип-торик буд.** (Ҳ.Карим)

Дар ин гурўҳи мисолҳо сифатҳои таъкидї бо бандакҳои хабарї ва феълҳои ёридиҳанда дар якчоягї хабар шуда омада, аз рўи шахсу шумора бо мубтадоҳои худ мувофиқат намудаанд, ки ин факти забонӣ дар забони адабии ҳозираи тољик, хусусан дар забони насри бадеии ҳаљвӣ, танқидї ва публисистї характернок мебошад.

---

[1] Эшононов А. Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодашавии онҳо. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1979с. саҳ. 14.

**д) Хабар шуда омадани сифатҳои дараҷадор.**

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба вазифаи хабар на фақат сифатҳои аслӣ, таъкидӣ, балки сифатҳои дараҷадор (дараҷаи муқоисавӣ ва олӣ) ҳам омада метавонанд.

“Дар ҳолати хабар шуда омадани сифатҳои дараҷадор як фикри том ба тарзи муқоиса ифода меёбаду амали дар ҷумла будагӣ аломат ва хосияти як предметро нисбат ба предмети дигар ба таври ҳукм нишон медиҳад... ва бештар онро дар забони асарҳои бадеӣ, забони адабии гуфтугӯӣ, махсусан, дар диалогҳо мушоҳида мекунем”.[1]

Мисолҳо:

1. Ин марди миёнсол аз раис **дигартар ва қаддарозтар буд.** (С.Улуғзода)

2. Падарам аз бедодгарон як сар **баландтар буд.** (С.Улуғзода)

3. ... ин бача **калонтар буд.** (С.Айнӣ)

Сифатҳои аслӣ дар ҳолати хабар шуда омадан баъзан бо худ ҳоли тарзи амал меоваранд, ки ин хусусият дар хабар шуда омадани исмҳо дида намешавад.

Мисолҳо:

1. Ӯ аз ҳад зиёд **шӯх ва якрав буд.** (С.Айнӣ)

2. Ин фикрат ниҳоят **нағз.** (Р.Ҷалил)

3. Ҳаво ба томи мо хеле **хеле хубу ором.** (Р.Ҷалил)

4. Ин духтарчаи сиёҳчашмаки кулчарӯй бисёр **қобила ва хушфаҳм буд.** (С.Улуғзода)

5. Дар аввал корамон бисёр **нағз буд.** (Ҳ.Карим)

Дар хабар шуда омадани сифатҳои дараҷадор ёридиҳандаҳои **“будан ва шудан”** чандон рол намебозанд ва ҳамагуна сифатҳои дараҷадор бе ҳеҷ гуна ёридиҳанда хабар шуда омада метавонанд.

**е) Ба воситаи сифатҳои нисбӣ ифода ёфтани хабар.**

---

[1] Забони тоҷикӣ (қисми II). Синтаксис барои синфҳои VII-VIII, Нашриёти «Маориф». Душанбе, 1987с, саҳ. 42.

Дар забони тоҷикӣ сифатҳои нисбӣ ҳам ба вазифаи хабар омада метавонанд.

“Сифатҳои нисбӣ дар ҳолати хабар шуда омадан бо ёрии бандакҳои хабарӣ дар якҷоягӣ бо ҳиссачаҳои тобишдиҳанда ва гоҳо ба воситаи феълҳои ёридиҳандаи **“будан ва шудан”** ифода меёбанд, ки аз ҷиҳати таркиби худ ва тарзи ифода гуногун мебошанд”.[1]

Мисолҳо:

1. Ошноям бисёр **ғамгин буд.** (Ҳ.Карим)
2. Тирезаи мактаб **оҳанин не-ку.** (А.Баҳорӣ)
3. Вай ниҳоят **хашмгин буд.** (Ҳ.Карим)
4. Падарам сахт **ғамгин шуд.** (С.Улуғзода)
5. Ин бача **сабзина аст.**
6. Рафторатон **бачагона аст.**

Ба ҳамин тариқ, сифатҳои нисбӣ бо ҳамаи шаклҳояш бештар пас аз исмҳо омада дар ташаккули хабарҳои номӣ нисбатан каммаҳсул мебошанд.

### 1.3. Ба воситаи шумора ифода ёфтани хабар.

Дар масъалаи хабар шуда омадани шумораҳо дар китобҳои дарсӣ қариб чизе гуфта нашудааст. Дар масъалаи хабар шуда омадани шумораҳо Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов дар асари худ “Ҷумлаҳои содда дар забони тоҷикӣ” маълумоти зарурӣ дода қайд мекунад:

“Дар ҷумла баъзан шумора низ ба вазифаи хабар меояд” ва ду мисол оварда шудааст.

“Дуруст аст, ки шумораҳо аз ҷиҳати ба вазифаи хабар омадани худ чун исму сифат нестанд ва ҳарчанд доираи хабар шуда омадани шумораҳо маҳдуд бошад ҳам, бо вуҷуди он дар атрофи ин мавзӯъ ба тафсил сухан рондан лозим аст”.[2]

Шумораҳо бо исмҳо, бо нумеративҳо ва баъзан бе нумеративу исм хабар шуда омада метавонанд.

---

[1] Шарофиддин Рустамов. Мушкилоти синтаксис. Душанбе, Маориф, 1988с., саҳ. 105.

[2] Ш.Рустамов, А.Каримов, С.Аминов. Забони тоҷикӣ, барои синфи VIII. Нашриёти «Маориф», Душанбе 1989с., саҳ. 4-5.

***1. бе исму нумератив, бе ёрии бандакҳои хабарию ёридиҳандаҳои феълї хабар шуда омадани шумораҳои ададй:*** ҳоло соат – **даҳ,** соат – **дувоздаҳ.** (С.Айнї)

***2. Бо ёрии бандакҳои хабарї ва ба воситаи ёридиҳандаҳои феълї хабар шуда омадани шумораҳои ададй:***

Соат **даҳ шуд – ёздаҳ шуд,** аммо ҳанўз аз Когон касе наомад. (С.Айнї)

Соат **ҳашт шуд,** аммо мудири банк наёмад. (С.Айнї)

Соат **нўҳ шуд,** аммо аз ў хабаре нест.

Дар ин гурўҳи мисолҳо, шумораҳои **дувоздаҳ, даҳ, ҳашт, нўҳ ва ёздаҳ** бо бандаки хабарии **аст** ва ёридиҳандаи **шудан** бе исму нумератив ба вазифаи хабар омадаанд ва бо калимаи **соат** (мубтадо) дар ҳама ҳолат алоқаи мантиқї доранд.

***3. Шумораҳои ададй бо исму нумеративҳо ва сифат низ хабар шуда меояд:***

1. Меҳмонон **панљ нафаранд.**
2. Як сарам **ду сар шуд.**
3. Чор тан **панљ тан шуд.** (Ҳ.Карим)
4. Меҳмонҳо **шаш нафаранд.** (С.Айнї)

Дар ин гурўҳи љумлаҳо таркибҳои **панљ нафар, ду сар, панљ тан, ҳафт кас, шаш нафаранд** шумораҳои ададї ва нумеративҳоанд, ки дар якчоягї бо бандаки хабарї ва ёридиҳандаҳои **“шудан”** ба сифати хабар омадаанду бо мубтадоҳои худ аз љиҳати маъно алоқаманд мебошанд.

Гурўҳи дигари мисолҳоро дида мебароем:

1. Агар ман мешудам даллоли бозор,
   Баҳои хўљаинҳоям **ду тин аст.** (фолклор)
2. Пагоҳї, соат **наздикї даҳ.** (Ҳ.Карим)
3. Як дардам **сад дард шуд.** (зарб.)
4. Як дарди падараш **ҳазор дард мешавад.**

***4. Шумораи тартибї.***

Шумораи тартибӣ ҳам баъзан ба вазифаи хабар омада метавонад, аммо вай асосан пас аз исмҳо омада, вазифаи муайянкунандаро адо мекунад ва дар хабар шуда омадан чун исму сифат ва шумораи ададӣ характери умумӣ надорад.

Мисолҳо:

1. Пагоҳ – **нӯҳум.**

2. Рақами ҳавлии мо **шонздаҳум.**

3. Дар рӯйхат Раҳим **бисту якум аст.**

4. Вай **кӯдаки сейум буд.** (Р.Љалил)

5. Ана ҳоло **рӯзи ҳаштум аст.** (А.И.Ульянова)

6. Ман **студенти курси якумам.**

7. Ин **ноябри соли ҳазору нӯҳсаду чилу якум буд.** (Ф.Ниёзӣ)

**1.4. Ифодаёбии хабар ба воситаи љонишинҳо.**

Љонишинҳо ҳамчун ҳиссаи номии нутқ дар љумла ба вазифаи гуногун: мубтадо, хабар, пуркунанда ва муайянкунанда меоянд.

"Дар забони адабии ҳозираи тољик ба вазифаи мубтадо, пуркунанда ва муайянкунанда омадани љонишинҳо љои баҳсу мунозира надорад ва ин масъала дар забони тољикӣ ба андозае омӯхта шудааст".[1]

Қайд кардан лозим аст, ки оид ба ин масъала дар асари доктори фанҳои филологӣ Бобољон Ниёзмуҳаммадов (нашри соли 1960) қисман маълумот дода шудааст. Љонишинҳои шахсӣ дар забони тољикӣ гоҳ холис ва гоҳо бо ёрии бандакљонишинҳои хабарӣ ба сифати хабар омада метавонанд. Бо ёрии бандакҳои хабарӣ ба вазифаи хабар омадани љонишинҳои шахсӣ, хусусан, дар забони асарҳои бадеӣ назм характернок аст.

Мисолҳо:

1. Чун одаташ **ман-ман аст,**
Гӯяд: **завод аз ман аст.** (аз "Хорпуштак")

2. **Манам** аз пайравони хомаи сурх,

---

[1] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (қисми II). Нашриёти «Дониш», Душанбе – 1986с. саҳ.240.

Қаламам **шоҳиди замони ман аст.** (П.Сулаймонї)

3. Салом, эй муаллим, ту **љони манї,**

   Ту **љони манї, меҳрубони манї.** (Т.Пўлодї)

4. Хона бошад, ароба **хонаи мост,**

   Кўҳ ё дашт **ошёнаи мост.** (М.Турсунзода)

5. Ту **аз они манї, љони манї.** (Љ.Икромї)

Дар мисоли якум љонишини **ман** дар шакли такрор бо ёрии **аст** хабар шуда омада, бо мубтадои худ **одат** шаклан ва мазмунан алоқаманд шудааст.

Дар мисоли дуюм бошад, дар мисраи якум љонишини **ман** бо бандаки шахси якум ба вазифаи хабар омадааст. Дар мисраи дуйум бошад, љонишини шахсии **ман** дар таркиби хабари номии **шоҳиди замон** ҳамчун муайянкунандаи хабари номї ба худ бандаки хабарї қабул кардааст, ки бо ибораи **шоҳиди замон** дар якчоягї хабари таркибии номї мебошад ва мазмунан ба **қалам** (мубтадо) алоқаманд мебошад.

Дар мисоли сейум ибораҳои **љони манї, меҳрубони манї** ҳам ҳамин тавр аст.

Дар мисоли чаҳорум љонишини шахси якуми љамъ – **мо** бо калимаҳои **хона** ва **ошёна,** ки ба сифати хабар омадаанд, ҳамчун муайянкунандаи хабари номї якчоя омада, бандаки **аст (ст)** қабул кардааст.

Дар мисоли панљум љонишини **ман** ба воситаи љонишини соҳибии **аз они** хабар шуда омада, бандаки шахсї қабул кардааст.

Ба ҳамин тариқ, љонишинҳои шахсї дар таркиби хабарҳои номї ба сифати муайянкунандаи хабар омада, якчоя бо ҳиссаҳои номии дигар гурўҳи хабарҳои номї мебошанд, ки ингуна хабарҳои тафсилї аз муайянкунандаю муайяншаванда иборат буда, як гурўҳи синтаксисї ба ҳисоб гирифта мешавад.

Чунончи:

Замин **аз они ман асту** замон **аз они ман аст,**

Муҳаббати Ватанам **умри љовидони ман аст.** (М.Раҳимї)

Љонишинҳои шахсї баъзан бо ёрии бандакҳои хабарї, ёридиҳандаҳои **«будан»** ва **«ҳаст»** баъзан дар якљоягї бо ҳиссачаҳои тобишдиҳанда хабар шуда меоянд, ки ҳамчун хабари номии суратёфта ҳисоб меёбанд.

Мисолҳо:

Ман **ту шудам,** ту **ман шудї,**

Ман тан шудам, ту љон шудї.

То кас нагўяд баъд аз ин,

Ман **дигарам,** ту **дигарї.** (А.Деҳлавї)

Дар ин мисолҳо таркибҳои **ту шудам, ман шудї, дигарам, дигарї** љонишинҳои шахсї ва ғайришахсї ба воситаи **шудан** ва бандакҳои хабарї ба вазифаи хабар омадаанд.

«Агар таркиби хабарҳои номї аз исму сифат иборат бошаду љонишинҳои шахсї дар таркиби ҳамин гуна хабарҳо ба сифати муайянкунандаи хабари номї омада бошанд, он гоҳ ёридиҳандаи **«будан»** ва **«шудан»,** инчунин бандакҳои хабарї кор фармуда мешаванд, ки ин ҳолат бештар дар асарҳои манзум (назм) характернок аст».[1] Мисолҳо:

1. Тоқию рўймоли шоҳии ту,

   **Шоҳиди захмҳои дасти мананд.** (М.Турсунзода)

2. Сўзаниҳои тўйҳои калон,

   **Ҳосили дасти гулпарасти мананд.** (М.Турсунзода)

3. Ту **булбули ман,** ту **зангўлаи заррини ман мебошї.** (Љ.Икромї)

4. Акнун калони хона **манам.** (С.Улуғзода)

5. Дар колхоз ошнои қадрдон ва аввалин маҳрами рози шумо **ман ҳастам.** (А.Деҳотї)

6. Ин писарча **ту ҳастї,** ин духтарча **ман худам.** (С.Улуғзода)

Љонишинҳои шахсї дар якљоягї бо ҳиссаҳои тобишдиҳанда ҳамчун хабар омада метавонанд.

Мисолҳо:

1 –Собир, **ту-мї?** (С.Улуғзода)

---

[1] А.Эшончонов. Хабарҳои номй ва тарзи ифодашавии онҳо. Нашриёти, «Ирфон», Душанбе – 1979с., саҳ.21.

2. – Писарам, калон шавї, кї барин мешавї?

- **Шумо барин-дия** (Аз «Хорпуштак»)

3. Ҳамеша ёфтагиатон **ман-мї?**

**а) Ба вазифаи хабар омадани љонишинҳои ишоратї.**

1. Гап **ҳамин.** (А.Деҳотї)
2. Кўҳи Қурама ана **ҳамин.** (С.Улуғзода)
3. Вай ҳоло **ҳамин тавр.** (Р.Љалил)
4. Мақсади рафиқонаш ҳам **ҳамин.** (А.Баҳорї)

Шаклҳои гуногуни љонишини ишоратї баъзан ба воситаи ёридиҳандаи **«будан»,** баъзан бо пешоянди **«дар»** дар якчоягї ба вазифаи хабар омада метавонанд.

Мисолҳо:

1. Воқеа **чунин буд.** (С.Улуғзода)
2. Ана, љони гап **дар ҳамин.** (А.Деҳотї)
3. **Чунин аст** фарқи ману фарқи ту,

   **Чунин аст** шарқи ману шарқи ту. (М.Турсунзода)

**б) Ба вазифаи хабар омадани љонишини саволї.**

Љонишинҳои саволї ҳам баъзан ба вазифаи хабар меоянд, ки бештар дар гуфтугўи ду шахс – дар диалог мушоҳида карда мешавад.

Масалан:

1. Ин бача **кист,** саломатиатон **чї тавр аст,** соат **чан аст?**
2. Бахт ояд, намепурсад, ки ту **кистї?**
3. Зарари мо **дар куљо,** манфиати мо **дар куљо?** (Љ.Икромї)
4. Директор **дар куљоанд?**
5. **Куљост** роҳати љонам, ки беқарориваям. (Б.Жола)

**в) Ба вазифаи хабар омадани љонишини нафсї-таъкидї (худ).**

«Дар забони тољикї ба вазифаи хабар омадани љонишини нафсии «худ» характернок нест. Агар пеш аз љонишини нафсй-таъкидї – **худ** љонишини

соҳибї омада бошад, он гоҳ вай **(худ)** бо бандакҳои соҳибї баъзан хабар шуда меояд».[1]

Ин ҳолатро мо бештар дар забони гуфтугўї мушоҳида мекунем.

Мисолҳо:

1. Ин китоб **аз они худам.**

2. Ин кас **бародари худам аст.**

3. Чўб гуфтааст, ки аз табар чї гила, дастааш **аз худам-ку.** (зарб.)

Љонишини муштарак **дигар** ва **якдигар** баъзан дар таркиби ҳиссаҳои дигари номї дохил шуда, бо қабул кардани бандакҳои хабарї як таркиби устувори хабарҳои номиро ташкил медиҳанд, ки тобиши замонї дошта, аз рўи шахсу шумора бо мубтадои худ мувофиқати шаклї ва мазмунї пайдо мекунанд.

Мисолҳо:

1. Дўстон **оинаи якдигаранд** (мақоли халқї).

2. Тољикону ўзбекон аз қадим **дўсти якдигаранд.**

3. Зинати шахс илму ҳунар аст,

**Илму ҳунар ҳусни дигар аст.** (Зарб.)

4. Ҳаво имрўз **дигар шуд.**

**1.5. Ифодаёбии хабар ба воситаи сифатҳои феълї.**

«Сифатҳои феълї бо бисёр хусусиятҳои феъл наздикї доранд ва аз асосҳои феълї ба вуљуд омада, хусусияти вобастагии феълї доранду бештар ба шаклҳои феълї монанд мебошанд».[2]

Дар «Грамматикаи забони русї» ҳам дар бораи сифати феълї чунин гуфта шудааст:

«Ба ҳамин тариқ, сифати феълї аломатҳои феъл, аломатҳои сифатро дар худ инъикос мекунад, вале аз сабаби дар он мавчуд будани категорияҳои асосии феъл: асос, намуду замон ва инчунин хусусияти идоракунии феъл, вай

---

[1] Б.Гадоев. Карточкаҳо аз забони модарй, нашриёти «Ирфон», Душанбе, - 1978с. саҳ. 43.

[2] А.Эшончонов. Хабарҳои номй ва тарзи ифодашавии он. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1969, саҳ. 29.

бо феъл зичтар алоқаманд буда, ба системаи шаклёбии феълї дохил мешавад».[1]

Сифатҳои феълї дар баробари бо шаклҳои феълї алоқаи зич доштан бо исму сифат низ алоқаи зич доранд ва аломатҳои грамматикие, ки дар исму сифат дида мешавад, дар сифатҳои феълї ҳам ҳамон аломатҳо қариб дида мешавад, ки ин яке аз хусусиятҳои барљастаи забони тољик мебошад.

Мисолҳо:

1. Ман чораи ҳамаи корҳоро **дида мондагї.** (Љ.Икромї)

2. Сулҳ **чароғи раҳи оянда аст,**

   Сулҳ зи хушбахтї **намоянда аст.** (А.Шукуҳї)

3. Дахл **оби равон асту** харљ – **осиёи гардон.** (зарб.)

4. Мухтор аз хурдї **сағир шуда мондагї.** (Љ.Икромї)

5. Пои чапош бо латтаи кабуд **печондагї.**

6. Ба шумо ин гапро мулло Зайниддин **ёд додагї.** (С.Улуғзода)

7. Абдумалик **омадагї.** (П.Толис)

8. Бибем як халтача танга дар сандуқ **руст карда мондагї.** (С.Улуғзода)

9. Чаро рангатон суф барин **кандагї.** (П.Толис)

10. Соат аз **як бист дақиқа гузаштагї.** (А.Деҳотї)

Сифати феълии замони гузашта бо ёридиҳандаи **будан** ва **шудан** дар якљоягї бо бандакҳои хабарию ҳиссачаҳои тобишдиҳанда низ хабар шуда меоянд, ки таркибан устувор буда, барои пурқувват шудани фикри љумла хизмат мекунанд.

Мисолҳо:

1. «Алопархон, шумо **гушна мондагї барин…**» (А.Деҳотї)

2. Пушти падаратон ба замин **расидагї не.** (С.Улуғзода)

3. Ин китоб аз модаркалони модарам **мондаг-я.** (А.Деҳотї)

4. Мактабро шўро-ҳукумат **кушодаги-ку.** (С.Улуғзода)

5. Қаламат **тарошидагї-ку.**

[1] Грамматика русского языка. Москва, 1979г. стр.506.

6. Нохост тӯр **дарида,** моҳӣ аз вай ба замин **афтодагӣ барин шуд.** (А.Деҳотӣ)

7. Вай ба худ омада, тамоман **сиҳат шудагӣ барин буд.** (С.Улуғзода)

Дар ҳолати хабар шуда омадани сифатҳои феълӣ ҳам бо ҳиссачаҳо омада, ҳамчун таркибҳои устувори хабарӣ ба ҳисоб мераванд.

Мисолҳо:

1. Рафтани ман **кори ҳал шудагӣ ку.** (Пӯлод Толис)

2. Кимчӣ-чизамро **гум кардагӣ барин шудам.** (П.Толис)

3. ... дар акт номи ту ҳамчун шоҳид **зикр карда шудагӣ.** (Љ.Икромӣ)

4. Аз дасти ман ягон немиси асир **гурехта халос шудагеш не.** (Љ.Икромӣ)

Гурӯҳи дигари мисолҳоро аз назар мегузаронем:

1. Дар Хуросон ҳељ забардасте бар вай **зафар наёфта** ва панљаи ӯро **натофта.** (Восифӣ)

2. ... дар тарафи Садафх ола машъале **афрӯхта** ва ғавғое **барпо сохта.** (Восифӣ)

3. Амир Зуннуни Арғун ... дар мавзеи Тарноб ба лашкари Шайбонихон **бархӯрда.** (Восифӣ)

4. Ман шунидам, ки Шайбонихон Моҳчучукро аз хонаи Бегим **бурда** ва ба касе **бахшида.** (Восифӣ)

Сифатҳои феълии замони гузаштаи бо **“а”** сохташуда ба сифати хабар омадаанд, ки мисолҳои дар боло овардашуда далели фикри мо шуда метавонанд.

Якчанд мисоли дигар:

1. Ба саҳроҳот ҳамчун бахти халқам **Шукуфта** пахтаҳои нуқраворат. (А.Деҳотӣ)

2. Пахтаҳо ҳар сӯ хандон,
Хандон-хандон **бишкуфта.** (М.Диёрӣ)

Сифати феълии замони ҳозира баъзан ба воситаи бандакљонишинҳои хабари феълї ва гоҳо ба воситаи ёридиҳандаҳои **будан** ва **шудан** ба вазифаи хабар меояд.

Шакли сифати феълии замони ҳозира хусусиятҳои сифатию исмї дошта, дар сурати хабар шуда омадани бо исму сифат қариб якхела мебошанд ва ин хусусияти грамматикии шакли сифати феълии замони ҳозираро дар дохили матн муқаррар кардан имконпазир аст.

Мисолҳо:

1. Абр **гирёну** лолаҳо хандон,
   Бод **ларзону** сабзаҳо **рақсон.** (М.Турсунзода)
2. То даме ки башар бувад зинда
   Ту **намирандаї, намиранда.**
3. **Чаққонаку хандонам,**
   Сўи мактаб **равонам.** (Фолклор)
4. Не, ҳамагї зиндаю **пояндаанд,**
   Зиндаи имрўзаю **ояндаанд.** (М.Турсунзода)

Чї хеле ки аз мисолҳои овардашуда мушоҳида кардем, сифати феълии замони ҳозира агар мафҳуми сифатї ва исмї гирифта натавонанд, ба вазифаи хабар омаданашон ниҳоят маҳдуд. Вале дар услуби асарҳои бадеї (наср) ба вазифаи хабар омадани ҳар се шакли сифати феълиро, ҳарчанд бисёр набошанд ҳам, мушоҳида мекунем.

Мисолҳо:

1. ... чашмаҳо ва љўйҳо **равон.** (Љ.Икромї)
2. Қандилҳои азамат **фирўзон,** нозу неъмат **фаровон.** (А.Деҳотї)
3. Духтарон ... ва бачагон **рақсону ғазалхон.** (А.Деҳотї)

Дар назми имрўзаи тољик бошад, дар ҳолати хабар шуда омадани сифатҳои феълї онҳо баъзан бо худ объект меоранд, ки љой ва мавқеи онҳо дар љумла ҳар хел мебошад.

Мисолҳо:

1. Эй духтари нозанини қадрас,

**Зебанда** туро либоси атлас. (М.Турсунзода)

2. Љўянда **ёбанда аст.**

3. Студентони тамомкунанда ба имтиҳонот тайёрї дида истодаанд.

4. ... охир имому қозї **тарафдори дорандаанд.**

Дар ин мисолҳо калимаҳои **љўянда-мубтадо, ёбанда-хабар** аслан сифати фелии замони ҳозира буда, бо мурури замон хусусияти сифати феълии худро гум карда, дар забони ҳозираи тољик ҳамчун исм ба кор бурда мешавад ва ҳамагуна аъзоҳои љумла шуда меоянд. Дар мисоли дигар калимаи **доро,** ки ба воситаи бандаки изофї бо калимаи **тарафдор** алоқаманд шудааст, дар ҳамин мисол вазифаи хабарро адо мекунад, ки вай аслан сифати феълии замони ҳозира мебошад, аммо дар ин љо калимаи мазкур мафҳуми предметї дорад. Агар **"шахси доро"** гўем, дар ин таркиб калимаи **"доро"** на ба маънои исм, балки ҳамчун сифати феълї ба ҳисоб гирифта мешавад.

Л.А.Балаховский доир ба сифати феълии забони русї сухан ронда истода менависад:

"Сифати феълї дар бобати идоракунї хусусияти худро гум карда, ба сифати оддї ва баъд ба исм мубаддал мешавад".[1]

Сифати феълии замони ҳозираи сифатгардида баъзан суффикси дараљасозро низ қабул карда, дар таркиби дигар ҳиссаҳои номии ба вазифаи хабар омадагї ҳамчун муайянкунандаи сифатї омада, ба воситаи бандакљонишинҳо дар якчоягї ба вазифаи хабари номї меоянд.

Мисолҳо:

1. Шер **яке аз ҳайвонҳои даррандатарин аст.**

2. Сафар **яке аз бачаҳои ба ҳар сахтї тобоварандатарин аст.**

3. Ба гирди лола печонанд

Ба ҳоли хеш **хандонанд.** (Ғ.Мирзо)

4. Духтари тољик, мо **хонанда,** дар тўи туем. (М.Турсунзода)

5. Забонаш **"гўё"** ва нутқаш **буррост.**

---

[1] Л.А.Булаховский. Курс русского литературного языка, Госпедиз. Киев, 1949г., стр. 275.

6. Бо ёрии кас худаш мўза **медўхтагї шуд.** (Р.Љалил)

7. Садои мотор канда-канда **мебаромадагї шуд.** (П.Толис)

8. ... баъд аз он ба як хаси ин хона **даст намерасондагї шудам.** (А.Деҳотї)

9. Вай сухани маро **намефаҳмидагї шуд.** (С.Улуғзода)

Сифати феълии замони ҳозира-оянда гоҳо дар якчоягї бо ёридиҳандаи **шудан** ва ҳиссачаҳои тобишдиҳанда ва гоҳо бо аорист ба вазифаи хабар омада метавонад.

Мисолҳо:

1. Ту аллакай китоби муборакро ҳам **масхара мекардагї шудї-мї?** (С.Улуғзода)

2. Фаранљиат **намешудагї барин.** (Р.Љалил)

3. Писарам **ба қадри зиндагї мерасидагї шавад,** он гоҳ тўй мекунем.

4. Шумо аз ҳад зиёд ба кори пахта **халал медодагї шудед.** (Љ.Икромї)

5. Мухтор ба љои падари ўгааш магазинро **саришта мекардагї шуд.**

6. Писарам китоби хонишро **хонда метавонистагї шуд.**

7. Ҳамаи талабагон ба  экскурсия **мерафтагї шуданд.**

Сифати феълии замони оянда ҳам дар тарзи фоилї ва ҳам дар тарзи мафъулї баъзан бе ёридиҳанда, баъзан бо ёридиҳандаҳои **“будан”, “шудан”** ва баъзан бо бандакљонишинҳои хабарї-феълї хабар шуда меояд.

Мисолҳо:

1. ... аз афташ **артисткаи комедия шуданї.** (аз “хорпуштак”)

2. Ман аз болои қабристони русии ба худам шинос **рафтанї шудам.** (С.Улуғзода)

3. Ойљон дод гуфта ба халтача **часпиданї шуд.** (А.Деҳотї)

4. Абдулло гапро **ба шўхї гардонданї шуд.** (Љ.Икромї)

5. Вай ... сабаби дар рўзи ваъда нарафтанашро ба ў **фаҳмонданї** ва аз вай **узр хостанї буд.** (С.Улуғзода)

6. Ман имрўз шуморо **диданї** ва **дарди дил карданї будам.** (Љ.Икромї)

Сифати феълии замони оянда дар ҳолати ба вазифаи хабар шуда омадан бандакљонишини шахси III танҳо **аст (ст)** ва баъзан ҳиссачаҳои тобишдиҳандаро дар таркиби худ қабул мекунад, ки ҳамчун хабар якљоя ба ҳисоб гирифта мешавад.

Мисолҳо:

1. Ў саховатмандии худро **намоиш доданї аст.** (Р.Амонов)

2. Аввал ҳавлиро рўфта **тоза карданию** баъд ба омўзишгоҳи педагогї **рафтанї аст.**

3. Ў аз Гавҳар чизе **пурсиданист.** (П.Толис)

4. Шумо **рафтанї не-мї?** (Р.Амонов)

5. Амак, ба ягон хешатон ё ошноятон **хат-пат карданї нестед-мй?**

Ба ин тариқ, сифати феълии замони оянда на танҳо холис, балки бо бандакљонишинҳо, ёридиҳандаҳои феълї дар якчоягї бо ҳиссачаҳои тобишдиҳанда ба вазифаи хабар меояд.

Мисолҳо:

1. Барои чї онҳо аз дасти камбағалон луқмаашонро
**зада гирифтанї намешаванд.**

2. Ҳамон марди ўзбек **тўй карданї.**

3. ... ба як-ду љой **рафтанї ҳастам.** (П.Толис)

4. Ман ягон гўсолача **харидані будам.**(С.Айнї)

5. Ман кори вайро партофта баромада **рафтанї шудам.** (С.Айнї)

### 1.6. Ба воситаи масдар ифода шудани хабар.

“Масдар ҳамчун шакли махсуси феъл ба гурўҳи исмҳои феълї дохил мешавад ва ҳамчун исму дигар ҳиссаҳои нутқ дар љумла ба вазифаҳои гуногун омада метавонад”.[1]

Вай ҳамчун категорияи махсуси морфологї ҳам хусусияти номї дорад ва аз ин љиҳат вай ҳамагуна аъзоҳои љумла шуда метавонад.

[1] В.С.Расторгуева. Очерки по таджикской диалектологии, вып.1, Москва, 1962г., стр. 97.

Дар масъалаи хусусияти феълї ва номї доштани масдар В.С.Расторгуева дар очерки худ характеристикаи пурра дода менависад:

“Дар муносибати синтаксисї вай ҳам хусусияти феълї дорад, ҳам номї: ҳамчун исм бандаки изофй, суффикси чамъсоз қабул мекунад, бо ёрии пешоянду пасояндҳо бо дигар калимаҳо муносибат пайдо мекунад ва дар айни замон ҳамчун феъл метавонад пуркунандаи бевосита ва бавосита, калимаҳои ифодакунандаи ҳолро ба худ тобеъ намояд”.[1]

Дар Грамматикаи мактабии забони тољик[2] дар бораи вазифаҳои гуногуни синтаксис омадани масдар ба таври мухтасар ҳам бошад, маълумоти зарурї дода шудааст.

Масдар ҳамчун исм дар љумла ба вазифаи мубтадо, хабар, пуркунандаҳои бавоситаю бевосита ва ҳол меояд. Азбаски сухан дар бораи ба вазифаи хабар омадани масдар меравад, дигар вазифаҳои синтаксисии онро ба як тараф гузошта, танҳо дар атрофи он сухан меронем. Доираи ба вазифаи хабар кор фармуда шудани он ниҳоят васеъ аст ва ибораҳои масдарї дар хабар шуда омадани он мавқеи алоҳидаро ишғол мекунад.

Ҳаминро низ дар назар доштан зарур аст, ки ба вазифаи хабар омадани масдар асосан дар услуби асарҳои бадеї, хусусан, дар наср ва дар матбуоти даврагї ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ба воситаи масдар ифода ёфтани хабар асосан бо оварда шудани бандаки хабарии **аст,** баъзан ёридиҳандаи **будан** ва гоҳо ба таври холис ба амал меояд.

Мисолҳо:

1. Ҳақиқатан ҳам дар як чо мондан **барљо мондан аст.** (Љ.Икромї)
2. Сафар кардан – **љаҳон дидан...** (Љ.Икромї)
3. Мақсадам **хондан ва ҳам кори Ватан кардан аст.**

[1] В.С.Расторгуева. Очерки по таджикской диалектологии, вып. 1, Москва, 1962 г.

[2] Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Ниёзй. Грамматикаи забони тоҷикй, қ.I, Фонетика ва морфология, нашри соли 1967, са. 63.

Ба воситаи масдар ифода ёфтани хабар дар зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ мушоҳида карда мешавад, ки аксар вақт дар ҷумлаҳои умумишахс характернок мебошад.

Мисолҳо:

1. Аз хурдон **гуноҳ кардан,** аз калонон **бахшидан.** (зарб.)

2. Бо якрав баҳс кардан мушт **ба бигиз задан аст.** (зарб.)

3. Аз шумо гуфтан, аз мо **ба сар давидан аст.** (зарб.)

4. Паҳлавон Муҳаммад дар либоси шотирӣ дар ҷилави аспи подшоҳ **муҳайёи қадам задан.** (З.Восифӣ)

5. Хар **барои бор кашидан,** маймун барои **рақсидан.** (зарб.)

Дар ин гурӯҳи мисолҳо хабарҳо ба воситаи масдар ва ибораҳои масдарӣ ифода ёфтаанд ва аз ҳиссаҳои номии нутқу масдар ташкил ёфтаанд.

Масдар дар якҷоягӣ бо ёридиҳандаи **будан** ба вазифаи хабар низ кор фармуда мешавад ва ёридиҳанда одатан бандакҷонишинҳоро қабул мекунад.

Мисолҳо:

1. Мақсади ман пирамардро **заҳмат надодан буд.** (С.Улуғзода)

2. Ман дар чойхона **саргарми газета хонда додан будам.** (С.Улуғзода)

Ба ин тариқ, масдар дар ҳолати ба вазифаи хабар омадан ба худ калимаҳоро тобеъ мекунаду дорои субъект ва объект мебошад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба вазифаи хабар омадани масдар асосан аз рӯи тартиби дар ҷумла мубтадо, хабар ва дигар аъзоҳои пайрав боз ҳам равштантар шуда мемонад, чунки ҷои хабару мубтадо дар забони ҳозираи тоҷик нисбат ба аъзоҳои пайрави ҷумла устувортар мебошад. Дар баробари ин ба вазифаи хабар омадани масдарро аз рӯи мазмуни ҷумла низ муқаррар намудан мумкин аст ва ба ин восита муносибати мантиқии мубтадо ва хабар аниқ карда мешавад.

Мисолҳо:

1. Вазифаи мову шумо **аз ин доми бало гурехтан аст.** (С.Айнӣ)

2. Мақсади ин китобча хонандагонро ба тариқи умумӣ бо ҳаёт ва фаъолияти адабии Аҳмади Дониш **ошно кардан аст.** (С.Улуғзода)

## Б О Б И II

## ТАРКИБИ ХАБАРҲОИ НОМЇ

Таркиби хабарҳои номї чун таркиби мубтадо, пуркунандаҳо ва дигар аъзоҳои љумла дар забони ҳозираи тољик аз љиҳати тарзи ифодаёбї ниҳоят диққатангез аст ва бо таркибу ибораҳои гуногун ифода ёфтани сараъзоҳои љумла ва аъзоҳои пайрави он дар синтаксиси забони тољикї як гурўҳи муҳим ва калони ибора ва таркибҳои синтаксисиро ташкил медиҳанд, ки яке аз масъалаҳои ҳанўз ба таври пурра омўхта нашудаи синтаксиси забони тољикї мебошад.

Дуруст аст, ки аз љиҳати назарї кор карда баромадани таркиб ва ибораҳои синтаксисї дар забоншиносии тољик дар қисмати муайянкунандаҳо[1], пуркунандаҳои бевосита ва бавосита ва љумлаҳои содда дар забони тољикї забоншиносҳои тољик хизмати бузург кардаанд ва дар омўхтани дигар гурўҳҳои синтаксисї заминаи аввалин гузоштаанд, ки дар масъалаи таъин кардани таркиби хабарҳои номї ва дигар масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тољик, ки ҳанўз ба таври пурра омўхта нашудаанд, кўмак хоҳад дод.

Таркиби хабарҳои номї чун дигар аъзоҳои љумла аз љиҳати ифодаёбї гуногун аст ва яке аз гурўҳҳои калони синтаксис мебошаду дар синтаксиси забони тољикї хеле характернок аст.

Хабарҳои номии забони тољикиро аз љиҳати сохту тарзи ифодаёбиашон ба чунин гурўҳҳо тақсим намудан мумкин аст:

1. Хабарҳои номии содда

[1] Д.Т.Таджиев. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке. Душанбе -1965г.

2. Хабарҳои номии таркибї

3. Хабарҳои номии тафсилї

## 2.1. Маълумот дар бораи хабарҳои номии содда

Хабарҳои номии содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо як калима ифода меёбанд, ки аз исм, сифат, шумора, љонишин, сифати феълї, масдар, зарф ва дигар мафҳумҳои предметонидашуда иборат аст. Хабарҳои номии содда одатан холис ва ба воситаи бандакљонишинҳои хабарї-феълї ифода меёбанд, ки бо ҳиссаҳои номї омадани бандакљонишинҳо ҳанўз аломати таркибии хабар ҳисоб карда намешавад.

Бандакљонишинҳои хабарї-феълї, чї тавре ки медонем, танҳо барои сурат ёфтани хабарҳои содда, таркибию тафсилї хизмат мекунанд.

Мисолҳо:

1. – Не, ба ҳеҷ кадоми он нусхаҳо бовар намекунам, ҳамаи онҳо **ғалат.**

2. Рафиқи ман – **Солеҳ.** (С.Улуғзода)

3. Дар баҳор рафтан **нағз.** (С.Улуғзода)

4. Ҳозир бошад, ҳаво **хунук.** (С.Улуғзода)

5. Љизҳо ҳама **паҳну парешон.** (С.Улуғзода)

«Дар љумлаҳои мураккаби пайвасти муқоисавї ҳар як хабари содда бо субъекти худ омада метавонад, ки ин хел ифодаёбии мубтадову хабари содда бештар дар зарбулмасал ва дар адабиёти бадеї характернок мебошад».

Мисолҳо:

1. – Сарам **калу** дилам **нозук.** (зарб.)

2. Шутур **калон,** яғираш ҳам **калон.**

3. Қави дигару кор **дигар.**

4. Яктааш **раис** ва дигараш **бригадир аст.** (Р.Љалил)

5. Дастат **холї,** рўят **хунук.** (зарб.)

Агар хабарҳои содда дар якљоягї бо ҳиссачаҳои тобишдиҳанда ифода ёфта бошанд, аломати таркибии онҳо шуда наметавонад ва ҳамчун хабарҳои содда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Мисолҳо:

1. – Шумо **ғалати-куя.** (А.Деҳотї)

2. Оя, шумо бибиамро **дидагй-а.** (С.Улуғзода)

3. Харбузаи асл **ин-дия.** (А.Деҳотї)

Хабарҳои содда бо васл шудани бандакљонишинҳои хабарї-феълї ифода меёбанд, ки љои онҳо дар љумла, (ба ғайр аз забони назм) устувор аст.

Мисолҳо:

1. Ў аз мадраса бино кардани худ **пушаймон аст.** (С.Айнї)

2. Босмачиён **маккоранд.** (С.Айнї)

3. Рўи ланг ба корди аз хун зангбаста **монанд аст.** (М.Горький)

Хабарҳои содда баъзан бо роҳи такрор ёфтани айни як калима ифода меёбаду калимаи охирон бандакљонишини хабариро ба худ қабул мекунад, ба ҳар ду калимаи ба вазифаи хабар омадагї дахлдор мебошад.

Мисолҳо:

1. … - дурдонаҳо **калон-калонанд.**

2. Себҳои боғи мо **калон-калонанд.** (А.Деҳотї)

«Ба ҳамин тариқ, хабарҳое, ки танҳо дорои як мафҳум мебошанд, гурўҳи хабарҳои соддаро ташкил медиҳанд»,[1] яъне дар забони адабии ҳозираи тољик ҳамаи ҳиссаҳои нутқ ва шаклҳои тасрифнашавандаи феъл ба сифати хабарҳои содда кор фармуда мешаванд.

Мисолҳо:

1. Машинаи мо **нав.** (Р.Љалил)

2. Корам **бисёр.**

## 2.2. Хабарҳои номии таркибї

Хабарҳои таркибї аз хабарҳои номии содда бо он фарқ мекунад, ки дар таркиби онҳо ба ғайр аз ҳиссаҳои номї боз ёридиҳандаи **«будан», «шудан»,**

[1] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Нашри «Дониш», Душанбе – 1986с., саҳ.234.

**«ҳаст»** ва дигар ёридиҳандаҳои феълї низ меоянд ва гурўҳи махсуси хабарҳои таркибиро ташкил медиҳанд.

Ҳангоми бо ёридиҳандаҳои феълї ифода ёфтани хабарҳои таркибї, бандакљонишинҳои хабарї-феълї одатан бо фелҳои ёридиҳанда меоянд, ки муносибати хабарҳои номї бо мубтадо боз ҳам равшан мегардаду мувофиқати мубтадову хабар аниқтар мешавад.

«Дар забони адабии ҳозираи тољик хабарҳои таркибї аз чиҳати тарзи ифода ва таркиби худ гуногун мебошанд…»[1]

Мисолҳо:

1. Ман дар дари хўљаини падарам **ғуломбача шудам.** (Ҳ.Карим)

2. Вай **носфурўш буд.** (Љ.Икромї)

3. Вай **Солеҳ буд.** (С.Улуғзода)

4. Касби падарии ман **оҳангарй буд.**

5. Аз ҳамкурсҳояш яке **агроном** ва дигаре **инженер шуд.**

Хабарҳои таркибие, ки ба воситаи сифатҳои гуногун ифода меёбанд.

Мисолҳо:

1. Чўра Холдоров бисёр **ғамгин буд.** (Ҳ.Карим)

2. Бемории дуйуми падарам аз аввалиаш **сабуктар буд.** (С.Айнї)

3. … додари хурдам **хурдсол буд** ва калониаш бисёр **заифбадан буд.** (С.Айнї)

4. Мутаваллии мадраса **бесавод буд.** (С.Айнї)

5. … писари хурдиам дигарча **калон шуд.** (Р.Љалил)

6. Рухсораҳои фарбеҳи ҳардушон ҳам тољи хурўс барин **суп-сурх.** (П.Толис)

7. Акаю ука **сурху сафед шуданд.** (Ҳ.Карим)

«Хабарҳои номии таркибие, ки бо љонишинҳо, шумораҳо дар якљоягї бо ёридиҳандаҳои феълї ифода ёфта, асосан дар наср ва назми имрўзаи тољик

---

[1] А.Эшонҷонов. Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодашавии онҳо. Нашриёти «Ирфон», душанбе – 1979с, саҳ.46

мушоҳида мешавад, ки доираи хабар шуда омадани ин гуна хабарҳои таркибӣ нисбатан маҳдуд мебошад».[1]

Мисолҳо:

1. Ниятам **ҳамин буд.** (Ҳ.Карим)

2. Вазифаи ман **он буд …** (С.Айнӣ)

3. Баъди октябр ҳол дигар шуд, Кишвари мо **хуљастакишвар шуд.** (С.Айнӣ)

4. Соат қариб **дувоздаҳ буд.** (П.Толис)

«Дар забони адабии ҳозираи тољик баъзан нумеративҳо дар якљоягӣ бо ёридиҳандаҳои феълӣ ва шумораҳо хабарҳои таркибӣ низ шуда метавонанд».[2]

Дар забони адабии тољик факти хабар шуда омадани нумеративҳо асосан вобаста ба шумораҳо аст.

Мисолҳо:

1. Як сарам **ду сар шуд.** (зарб.)

2. Як донаи мо **дудона шуд,**

Ин ошиқи мо **бегона шуд-**е ёр. (М.Турсунзода)

3. Мо **чор нафар будем.**

4. Меҳмонон **шаш нафар буданд.** (С.Айнӣ)

«Нумеративҳо бо шумора дар сурати хабарҳои таркибӣ шуда омаданашон на танҳо бо ёридиҳандаҳои феълӣ, балки бавоситаи бандакљонишинҳои хабарӣ низ ифода меёбанд».[3]

Мисолҳо:

1. Савдогарон **даҳ нафар буданд.** (С.Айнӣ)

2. Мо **ду касем.**

3. Аммо дараљаи устод ва шогирд қариб **баробар шуд.**

«Дар забони адабии ҳозираи тољик хабарҳои таркибӣ қатъй назар аз љиҳати таркибёбии худ зотан синонимии хабарҳои содда мебошанд, чунки

---

[1] Шарофиддин Рустамов. Мушкилоти синтаксис, Душанбе, «Маориф», саҳ. 12.

[2] Ш.Рустамов. Ҳамон асар, саҳ. 13.

[3] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ч.2. Нашриёти «Дониш»,

бе ёрии феълҳои ёридиҳанда бо вуљуди шаклан мувофиқат накардан бо мубтадо мазмунан алоқаманд буда, як фикри томро ба таври ҳукм дар бар мегиранд ва идоракунандаи аъзоҳои дигари љумла мебошад».[1] Аз ин љиҳат ба тариқи муқоиса якчанд мисол меоварем.

1. Додараш **савдогар буд –** додараш **савдогар аст.** (С.Айнї)

2. Ҳаво бисёр **гарм буд –** ҳаво бисёр **гарм.** (А.Дилбар)

3. Духтараш аз сўзанидўзии модараш – **бехабар.** (Ҳ.Карим)

4. Ў **дидадаро ва хандон буд –** Ў **дидадаро ва хандон аст.** (Љ.Икромї)

Аммо ҳаминро қайд кардан лозим, ки «дар сурати аз ҳиссаҳои номї дур кардани ёридиҳандаҳои феълї мазмун ва тобиши замонии хабарҳои таркибї то як андоза тағйир меёбад, ки ин махсусан дар ҳолати хабар шуда омадани исму сифат, шумораю љонишин ва ғайраҳо боз ҳам равшантар мегардад».[2]

### Хабарҳои номии тафсилї

Хабарҳои номии тафсилї дар синтаксиси забони адабии ҳозираи тољик гурўҳи махсуси синтаксисист, ки аз љиҳати тарзи ифодаёбии худ бағоят диққатљалбкунанда аст ва як қисми аз ҳама серистеъмолтарини категорияи синтаксисї ба шумор меравад. Дар забони адабии ҳозираи тољик силсилаи калимаҳо, таркибҳо ва ибораҳо мављуданд, ки дар сохти синтаксисии забони тољик чузъҳои аз ҳамдигар чудогонашаванда буда, ба вазифаҳои гуногун: мубтадо, хабар ва ғайра меоянд ва ин хусусият яке аз хусусиятҳои барљастаи забони адабии ҳозираи тољик мебошад.

«Яке аз хусусиятҳои ба худ хоси забони тољикї дар вобастагии зичи калимаҳо дар дохили гурўҳҳои синтаксисї (ё ибораҳо) мебошад, ки онҳо ҳамеша айнан ҳамчун як калимаи људогона намуди синтаксисї мегиранд ва дар љумла ба сифати аъзоҳои мураккаби махсуси он хизмат мекунанд».[3]

Дар таркиби хабарҳои тафсилї калимаҳои ба вазифаи муайянкунанда омадагї бештар характерноканд ва аксар силсилаи хабарҳои номии тафсилї аз

---

[1] А.Эшончонов. Хабарҳои номй ва тарзи ифодашавии онҳо. Душанбе – 1979с., саҳ. 48, (175 саҳ.)

[2] М.Набиев. Забони адабии тоҷик

[3] В.С.Расторгуев. Очерки по таджикской диалектологии, вып. 1, Москва, 1952г., стр.181.

муайянкунандаю муайяншаванда ва ёридиҳандаҳои феълї иборат аст, ки ба воситаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода меёбад.

Таркиби хабарҳои тафсилиро аз љиҳати тарзи ифода ба чунин қисматҳо људо кардан мумкин аст:

**а) Хабари тафсилї шуда омадани ибораҳои изофї**

Ибораҳои изофии соҳибї-исмї ва ибораҳои изофии сифатї як гурўҳи махсуси хабари тафсилиро ташкил медиҳанд, ки аз рўи хусусияташон ба ибораҳои рехта ва ғайрирехта људо намудан мумкин аст:

**1. Ибораҳои изофии рехта.** Љузъҳои онҳоро људо карда маънидод кардан имконпазир аст.

Мисолҳо:

1. Устод Рўдакї – **саромади каломи мавзун ва нахустин классики адабиёти тољик.**

2. Иди Наврўз **яке аз идҳои пеш аз исломият аст.**

3. Соҳиби хона **одами хеле донишманд, соҳибмаълумот ва бо виқор буд.** (Љ.Икромї)

Дар ин гурўҳи мисолҳо хабарҳои тафсилї таркибан пайваст ва рехта мебошанд. Ингуна хабарҳоро ба ҳиссаҳо људо кардан аз нуқтаи назари мантиқ (логика) нодуруст аст, онро ба сифати хабари тафсилї омадагї ба ҳисоб мегирем.

Боз гурўҳи дигари мисолҳоро аз назар мегузаронем:

1. Ин кас қист? **– Яке ҳиндуи салланок, як судхўри гузаро, як хасиси чирки дандонхўр!** (С.Айнї)

2. Рўдакї **сари шоирони он давра ва устоди онҳо буд.** (С.Улуғзода)

3. Падару бобоҳои ман **аз љумлаи хољагони соктарегии ин деҳа буданд.** (С.Айнї)

4. То љаҳон ҳаст, зинда хоҳам буд,

Қаламам **умри љовидони ман аст.** (П.Сулаймонї)

5. Образи Одина, Ёдгор, Гулнор ва дигарҳо **образҳои фаромўш-нашавандаанд.**

6. Гадо **душмани гадо.**

Аз мисолҳои овардашуда чунин хулоса кардан мумкин аст, ки:

«Ибораҳои изофии ба ҳам марбути ба сифати хабари тафсилии номї меомадагие, ки онҳоро ба ҳиссаҳои номии хабар ва муайянкунандаҳо људо кардан имконнопазир аст, ибораҳои устувор ё худ рехта меномем».[1]

Масалан,

Мулло – **љорўби дастурхон.** (зарб.)

**II. Ибораҳои изофии ноустувор ё худ ғайрирехта.** Ибораҳои изофии ноустувор ё худ ғайрирехтае, ки дар љумла хабарҳои тафсилї шуда меоянду ба ҳиссаи номии хабар ва муайянкунандаҳои соҳибї ва сифатї људо мешаванд. Ин маъное дорад, ки дар сурати аз ҳиссаи номии хабар људо кардани муайянкунандаҳои соҳибї ё сифатї ҳиссаи номии хабар аҳамияти предикативии худро пурра нигоҳ медорад.

Мисолҳо:

1. Душмани рўбоҳ – **думи рўбоҳ.** (зарб.)

2. Чорводорї – **соҳаи муҳимми хољагии қишлоқ.**

3. Вай чанд сол боз **раиси колхози ба номи Љонибек Юсуфов аст.**

4. Айнї **нависандаи бузурги тољик аст.**

5. Солеҳзода **љавони шўху густоҳ аст.** (А.Деҳотї)

Агар аз ҳиссаҳои номии мисолҳои болої, ки ба сифати хабари тафсилї омадаанд, муайянкунандаҳои соҳибї ва сифатиро гирифта партоем ҳам, ҳиссаи номии хабар аҳамияти предикативии худро гум намекунад, ки онро ибораҳои ноустувор ё худ ғайрирехта номидан мумкин аст.

Ба љои љумлаҳои боло (аз мисолҳои сеюм, чаҳорум, панљум) ибораҳоро гирифта партоем, хабарҳои номии содда боқї мемонад, яъне:

1. Вай чанд сол боз раис … аст.

2. Айнї нависанда … аст.

3. Солеҳзода љавон …

[1] Грамматикаи забони адабии тоҷик, қисми 2, нашриёти «Дониш», Душанбе, 1986с., саҳ.237.

**III. Хабарҳои тафсилии ба воситаи исмҳо ва ёридиҳандаҳои феълї ифодаёбанда.** «Дар ин гурўҳи хабарҳои тафсилї исмҳо ва баъзан дигар ҳиссаҳои нутқ иборaҳои махсуси изофиро ташкил намуда, дар якљоягї бо ёридиҳандаҳои феълї як силсилаи бузурги хабарҳои номии тафсилиро ташкил медиҳанд,ки дар сохти синтаксисии забони адабии ҳозираи тољик мавқеи махсусро ишғол менамоянд ва хеле характернок мебошанд».[1]

Мисолҳо:

1. Профессор Ахвледиани ном

**Соҳиби фазлу устоди калом,**

**Пирамарди забоншиносе буд,**

**Луғати зиндаи Ғиёсе буд.** (М.Турсунзода)

2. Соҳиби мадраса **яке аз бойҳои миёнаҳоли Бухоро буд.**

3. Фирдавсї **бузургтарин шоири он замон ва парвардаи асри сомониён буд.**

4. Ҳидоятхўља ном **амакбачаи падарам буд…** (С.Айнї)

**IV. Хабарҳои тафсилии ба воситаи сифатҳои гуногун ва ҳиссаҳои дигари нутқ ифодаёбанда.** Дар забони адабии ҳозираи тољик ба воситаи иборaҳои изофии сифатї ва сифатҳои таъкидї низ ифода меёбанд ва онҳо як силсилаи ба ҳам пайвасти хабарҳои тафсилиро ташкил медиҳанд.

Мисолҳо:

1. Соҳиби хона **одами бисёр нағз.** (С.Улуғзода)

2. Саодат Ҳакимова **зани раҳмдил, меҳрубон ва навозишкор.** (Љ.Икромї)

3. Бе ниқори шумо ҳам дили вай **сип-сиёҳ, шаби торик барин.** (Љ.Икромї)

4. Охир вай **коркуни ўҳдабаро-ку.**

“Ҳаминро низ дар назар доштан лозим аст, ки дар ҳолати ба вазифаи муайянкунандаи ҳиссаҳои номии хабар омадани сифатҳои гуногун холис ифода гардидани хабарҳои тафсилї нисбатан маҳдуд мебошад ва ин гуна

---

[1] А.Эшончонов. Хабарҳои номй ва тарзи ифодашавии онҳо. Душанбе – 1979с., саҳ. 53.

хабарҳои тафсилї бештар бо бандакљонишинҳои хабарї ва ёридиҳандаҳои феълї ифода меёбад, ки гурўҳи калони хабарҳои тафсилии суратёфтаро ташкил медиҳанд”.[1]

Мисолҳо:

1. Шавҳари Нисохон бисёр **одами бадљаҳл аст.** (С.Улуғзода)

2. Русу тољикдухтарҳо

**Устоҳои гулдастанд.** (М.Турсунзода)

3. Вай **ҳамсўҳбати дилписанд, насиҳатгари хирадманд аст.**

Гурўҳи дигари мисолҳоро аз назар мегузаронем:

1. Вай **устои барљастаи санъати нафис ва рассоме буд.**

2. Ў **як љавони баландқомати зардинарўи тунукмўи тангчашми пурхашм буд.** (С.Айнї)

3. Ў **одами қоматпаст, ғасббадани фарбеҳи ришкалон буд.** (С.Айнї)

Акнун ҳар як мисоли овардаамонро аз назар мегузаронем:

Дар мисоли якум калимаи **“Вай-”** мубтадо, калимаҳои **“устод буд”** – хабар ва ибораи **“барљастаи санъати нафис ва рассом”** яклухт муайянкунандаи ҳиссаи номии хабар калимаи **“усто”** буда, муайян ва тавзеҳ дода шудааст.

Дар мисоли дуйум **“ў”** – мубтадо, ибораи **“як љавон буд”** – хабари номии эзоҳталаб буда, калимаҳои ба воситаи бандаки изофї ба алоқа даромадаи **“баландқомати зардинарўи тунукмўи тангчашми пурхашм”** муайянкунандаи сифатии ҳиссаи номии хабар (калимаи **“љавон”**) мебошанд.

Ба ҳамин тариқ, ана ҳамин гуна калимаҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба воситаи бандаки изофї таркиб ёфтаанд, хабарҳои тафсилї мебошанд, ки ин хел хабарҳо дар забони адабии ҳозираи тољик ҳадду ҳисоб надоранд ва яке аз хусусиятҳои услубї ҳисоб меёбанд.

### 4.1. Хабарҳои тафсилї шуда омадани ибораҳои масдарї

[1] А.Эшонҷонов. Ҳамон асар. саҳ. 54.

Масдар ҳамчун шакли махсуси тасрифнашавандаи феъл дар љумла чун дар ҳиссаҳои номии нутқ ба вазифаи мубтадо, хабар ва дигар аъзоҳои љумла омада метавонад.

“Дар масъалаи характернок будани ибораи масдариро сифати феълї дар забони тољикї ва дар дигар асарҳои илмии баъдина ҳам оид ба ибораҳои масдарию сифати феълї маълумоти зарурї дода шудааст”.[1] Аммо ботаассуф бояд қайд кард, ки дар масъалаи ба вазифаи хабар омадани ин гуна ибораҳо дар китобҳои дарсї, қариб ҳељ чиз гуфта нашудааст.

“Дар масъалаҳои ибораҳои сифати феълї, масдарї, хусусиятҳои услубї, грамматикї, функсияҳои гуногунро адо кардани ибораҳо дар “Очеркҳо”-и Маъсумї муфассал ва далелу фактҳо қайд карда шудааст, ки дар соҳаи забоншиносии тољик ва пурра гардидани курси забони адабии ҳозираи тољик муҳимтарин манбаи омўзиш мебошад”.[2]

Мисолҳо:

1. Мактаб **љои донишу тарбия гирифтан аст.**

2. Дарахтони хасактут барои хўроки кирмакҳои пилла **дар айни каллак шудан мебошанд.**

3. Барои корҳои калонро кардан ба мо тоторон, **як шудани шумо аст.** (С.Айнї)

4. ... аз тарафи дигар обу озуқа ҳам **дар кам шудан буд.**(С.Айнї)

5. Машғулияти ман ана ҳамин тахтасангҳоро **бо тартиб чидан ва шибба кардан аст.** (А.Баҳорї)

### 4.2. Хабари тафсилї шуда омадани ибораҳои сифати феълї

Хабарҳои тафсилї ба воситаи ибораҳои сифати феълї низ ифода меёбанд.

Мисолҳо:

1. Вай ҳозир **сардори ҳукумати шахр шудагї.** (Р.Љалил)

2. Ў **як духтари сару либоси нав пўшидагї буд.** (Љ.Икромї)

---

[1] Н.Маъсумй. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. 1969с., саҳ.144-168.

[2] Н.Маъсумй. Ҳамон асар. саҳ. 285-292.

3. Одамони идораҳои номбаршуда **аз хамир қилро људо кардагї барин.** (А.Баҳорї, саҳ.57)

4. Хонхўља **як одами маиби барљомонда буд.** (С.Айнї)

5. Қозї Шарифљон ба ман ... бо эҳтиром ва эҳтиёт **муомила мекардагї шуд.** (С.Айнї)

6. Ман бо ин баҳона ўро **аз кор баровараданї будам.** (С.Айнї)

7. Инҳо **бачагони дар интернат тарбия ёфтагї буданд.**

8. Шумо ба тахт нишастан боз харҳо ҳам **пешгоҳнишин шудагї.** (Аз латифаҳои халқї)

9. Комил аз ман ягон **илтимос доштагї барин.** (А.Баҳорї)

Аз мисолҳои овардашуда маълум мешавад, ки ба вазифаи хабарҳои тафсилї омадани ибораҳои масдарї ва сифати феълї дар забони адабии ҳозираи тољик хеле маъмул мебошад.

Ба ҳамин тариқ, ибораҳои масдарї, сифати феълї ба вазифаи хабарҳои номї омада, як гурўҳи муайяни хабарҳои тафсилиро ташкил медиҳанд, ки ин факти грамматикї дар услубҳои забони адабии ҳозираи тољик қариб хос аст.

Дар ин бора аз адабиётҳои бадеиву маљаллаҳо якчанд мисолҳоро далели фикр овардаам:

Мисолҳо:

1. ... чораи халосї маргро **ба гардан гирифтан аст ...** (С.Айнї)

2. ... ҳамин аз марг **натарсидан аст,** ки моро ба ин ҳол овардааст. (С.Айнї)

3. Ин мард **меҳмони аз шаҳри Самарқанд омадагї аст.**

4. Вай **гўшти уштур хўрдагї барин.** ("Хорпуштак", №3, с. 182)

5. Ғараз аз тушбера **гўшт хўрдан аст.** (зарб.)

6. Мақсадам туро **хурсанд** ва духтаратро **хушбахт кардан асту бас.** (С.Айнї)

7. Ба тариқи љўрагї **гўши онҳоро тофта мондагї ҳастем.** (Хорпуштак, №5)

8. Манзараҳои тасвир-кардаатонро **дидагї барин шудам.** (А.Баҳорї)

Ба воситаи ибора ва таркибҳои  пешоянддор ифода ёфтани хабарҳои номї асосан дар забони асарҳои бадеї (насру назм) дар забони адабии гуфтугўї ва дар эљодиёти даҳонакии халқ мушоҳида карда мешавад. Дар таркиби ин гуна хабарҳо баъзан ёридиҳандаҳои **“будан”, “шудан”** ва ғайра ба љои бандакљонишинҳо кор фармуда мешаванд.

Мисолҳо:

1. Корҳои чорводорон **дар ављ аст.**

2. Қарзи калонам ... **аз падари туст.** (С.Айнї)

3. Офтоб **дар фурў рафтан аст.**

Дар ин гурўҳи мисолҳо ибораҳои пешоянддори **“дар ављ аст”, “аз падари туст”, “дар фурў рафтан аст”** хабарҳои номии пешояндї буда, аз ҳиссаҳои номии нутқ бо пешояндҳои гуногун таркиб ёфтаанд.

Хабарҳои пешоянддор баъзан бебандакљонишинҳои хабарї низ ифода меёбанд, ки бештар дар эљодиёти даҳанакии халқ ва дар услуби забони ҳаљв ва мазҳака характернок мебошад.

Мисолҳо:

1. Ҳамал – **ҳама дар амал.**

2. Мудири колхоз доим **бе амал** (“Хорпуштак”, №3, 1982с.)

3. Ҳама гап **дар меҳнат.** (зарб.)

4. Бача дар сафар
   Номаш **Музаффар.** (зарб)

5. Аз они худ **зер тағора.**

6. Чоҳкан **зери чоҳ.** (зарб.)

“Ҳиссаҳои номии инкории **“не”** ва баъзан **“на”** дар таркиби хабарҳои номї ба сифати бандакљонишинҳои хабарї низ кор фармуда шуда, аломати хабар шуда омадани ибораҳои пешояндҳоро дар љумлаҳои типи махсус, ки вай бештар дар эљодиёти даҳонакии халқ характернок аст, бозҳам мустаҳкам мегардонад”.[1]

Мисолҳо:

---

[1] Муродалї Набиев. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, Маориф, с. 1992, саҳ. 55.

1. Арзон **бе иллат не,** қиммат **бе ҳикмат.**

2. Гап **дар салла не, дар калла.**

3. Дарси забон **бе мисол не,** дарси таърих **бе сол.**

«Ибора ва таркибҳои пешоянддор, монанди хабарҳои феълӣ, барои ифодаи фикри том роли калон мебозанд ва ҳамчун хабари тафсилӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд».[1]

Мисолҳо:

1. Дар боғи ҳайвонот чӣ рўзона ва чӣ шабона ҳаёт **дар љўшу хурўш аст.**

2. Буз **дар ғами љон,** қассоб **дар ғами чарбу.** (зарб.)

3. Бузургӣ **ба ақл аст,** на ба сол. (зарб.)

4. Солҳо боз мардум аз ин дард

Муттасил **дар азобу љон ба лаб аст.** (М.Турсунзода)

5. Ҳозир вай **дар ташвиш будагӣ барин.** (Р.Љалил)

6. Чойљўши сияҳ ба назди алав

**Буд** акнун балақ-балақ **дар љўш.** (М.Турсунзода)

**7.** Дар рўзҳои охир корҳои бофандагӣ **дар пас рафтан аст.** (С.Айнӣ)

8. Тирпаронӣ ҳанўз **дар ављ буд.** (Ф.Ниёзӣ)

9. Бинои нави дар паҳлўи қасри маданият сохта шудаистода **пур аз нақшу нигор аст.** (Љ.Икромӣ)

### 3.Љои хабарҳои номӣ

Чӣ тавре ки муайян карда шудааст, дар забони адабии ҳозираи тољик дар масъалаи таъин намудани љои аъзоҳои пайрави љумла: муайянкунанда, пуркунанда ва мубтадоюю хабар дар як қатор асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ нишон дода шудаанд, ки дар тайин намудани љои хабарҳои номӣ дар љумла замина гардидаанд.

Дар забони адабии ҳозираи тољик тартиби калимаҳо дар љумла то як андоза устувор мебошад. Ин устувории калимаҳо дар љумла аз он иборат аст, ки дар љои аввал мубтадо, дар љои дуйум аъзоҳои пайрави љумла ва дар љои

[1] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, Нашриёти «Дониш», Душанбе – 1986с. саҳ. 134.

сейум хабарҳо ифода меёбанд, ки љои хабарҳои номї нисбат ба аъзоҳои пайрави љумла устувортар ва қариб ҳамеша дар охири љумла меистад.

Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки аз нуқтаи назари олими шевашинос В.С.Расторгуева дар масъалаи тайин намудани љои хабар дар љумла ба таври умумї аст, чунки кадом аз гурўҳҳои хабар бештар дар охири љумла меояд, муаллифи очерк дахл намекунад.

“Ҳамин љиҳати масъаларо бояд дар назар дошт, ки вобаста ба тарзи баён, ифода, услуби забони ин ё он асари бадеї, дар диалогҳо – гуфтугўи ду шахс ва дар забони адабии гуфтугўї хабарҳо ҳама вақт дар охири љумла омада наметавонанд.”[1]

## 3.1. Љои хабарҳои номї дар наср

Дар забони адабии ҳозираи тољик љои хабари номї нисбат ба хабари феълї устувортар буда, чи дар љумлаҳои содда ва чи дар љумлаҳои мураккаб дар охири љумла воқеъ мегардад.

Онҳо – хабарҳои номї: содда, таркибї ва тафсилї қатъї назар аз он, ки ёридиҳандаҳои феълї доранд ё не, аксар вақт дар охири љумла меоянд

Мисолҳо:

1. Оғил ва молхонаҳо **холї гардиданд.**

2. Вай **боғбони ҳунарманд буд.**

3. Ў **бадтарини миршабҳо буд.** (С.Айнї)

4. Ў **маслиҳатчї ва ёрдамчии наздиктарини занону духтарон аст.**

Дар ин мисолҳои овардашуда дар љои якум мубтадоҳои хархела ва дар љои дуюм хабарҳои номии ҳархела омадаанд ва аз љиҳати сохту таркиб гуногун мебошанд.

Мисолҳои дигарро аз назар мегузаронем:

1. Шарифљон Махдум дар хушхатї, хушсаводї, шеърфаҳмї ва маърифатдўстї дар байни муллозодагони Бухоро қариб **ягона буд.** (С.Айнї)

2. Ҳамаи корвонҳо ба пеши ҳамдам **меомадагї шуданд.**

[1] Забони тоҷикӣ, қисми II. Синтаксис барои синфҳои VII-VIII. Нашриёти «Ирфон» Душанбе – 1987с. саҳ. 45.

3. Дар оянда чизҳои камчинро танҳо ба ёру љўраҳо дода, бозорро бо дўстон **якљоя карданї ҳастам.**

4. ... Зайнаб дар танҳої ба хонаи вай **меомадагї шуд.** (Љ.Икромї)

5. Падару модари Оиша **одамони нохонда ва љоҳил буданд.** (Љ.Икромї)

6. Ақл, ҳуш ва идроки Пирак тамоман **дар љояш буд.** (С.Айнї)

Дар мобайн ва охири љумла омадани хабарҳои номї.

Мисолҳо:

1. Раҳмонқул Љабборов **деҳқонбачаи камбағал,** ягон мактабро **тамом накардагї, чаласавод буд.** (Љ.Икромї)

2. Рўяш **кулчаи сергўшт** ва қариб тамоман бо реши сиёҳи ғўлии дағалмўй **пўшидагї буд.** (С.Айнї)

Дар таркиби љумлаҳои мураккаб хабари номї баъзан дар мобайни ду љумла низ омада метавонад, аммо нисбатан маҳдуд.

Мисолҳо:

1. Муносибати вай ба Зайнаб ана ҳамин тавр **печ дар печ буд,** дар як замон ҳам **ногувор буд, ҳам хурсандиовар, ҳам бад буд, ҳам нағз.**

2. Вай чандон **солхўрда не, марди қадбаланд, бақувват ва ситорагарм аст.** (Љ.Икромї)

Ба ҳамин тариқ, дар забони адабии ҳозираи тољик (дар наср) љои хабарҳои номї устувор буда, дар охири љумла омадани хабарҳои номї яке аз қонунҳои дохилии синтаксиси забони адабии ҳозираи тољик мебошад.

Боз мисолҳоеро овардан мумкин, ки фикри болоиро пурра тасдиқ мекунад.

Мисолҳо:

1. Ҳамин Муш **яке аз сурудхонон буд.** (С.Айнї)

2. Раҳмонов **одами меҳмондўст, хуштабъ, кордон ва бағайрат буд.** (Љ.Икромї)

3. ... лекин мардаки ўзбек бисёр **одами нағз-дия.** (Љ.Икромї)

4. Ҳабиб Қосимов **писарбачаи сенздаҳчордаҳсолае буд.** (Љ.Икромї)

5. Худаш **марди миёнсол, қадбаланд, чашмкабуд ва кушодачеҳра.** (Љ.Икромї)

## 3.2. Љои хабари номї дар назм

Дар назми имрўзаи тољик љои хабарҳои номї устувор нест. Вай метавонад дар аввал, мобайн ва дар охири љумла меояд.

Љои аъзоҳои љумла дар назм дар як вазъият намебошад, вобаста ба вазн қолиби шеър хабарҳо љои худро дигар карда меистанд.

Дар аввалу мобайн ва дар охири љумла омадани хабарҳои номиро як-як аз назар мегузаронем:

**а) Дар аввали љумла омадани хабарҳои номї**

Мисолҳо:

1. **Забондарозанд**

   Ин чор рафиқон

   Баҳояшон панљ

   Аз дарси забон.

2. **Соф, равшан, беғубор аст** осмон,

   Чун дили халқи далери ин диёр. (Р.Љалил)

3. **“Боми љаҳон”** ном он

   **Ягона аст** дар љаҳон. (В.Асрорй)

4. **Сангаму оҳанаму пўлодам**

   **Сипори мамлакати озодам.** (М.Турсунзода)

**б) Дар мобайни љумла омадани хабарҳои номї**

Мисолҳо:

1. Гулистонро **гули пурхандаи** ту

   Ба майдон **ханљари囲буррандаи** ту. (М.Турсунзода)

2. Чеҳраи софи қаҳрамон капитан

   **Љилвигар шуд** ба пеши чашмонам. (М.Турсунзода)

3. Домани саҳрои он **пурбори тиллои сафед,**

   Хок **ҳосилхез,** аҳлаш **аҳли меҳнат.** Исфара (М.Аминзода)

4. **Агарчи тоқаву танҳои будї** ту,

**Ду дасту чашму гўши мо будї** ту. (Ғ.Мирзо)

**в) Дар назм дар охири љумла омадани хабарҳои номї ҳамчун забони наср аст**

Мисоҳо:

1. Гули сияҳгўш **ҳафтранг буд**

   **Хўроки кабки дилтанг аст.** (Фолклор)

2. **Зарду сурху сафед, тозаву тар**

   Чун гуле ҳар ситора **равшан буд.** (Ғ.Мирзо)

3. Худи ў байни халқ **хандон аст,**

   Лек дар хона **заҳри морон аст.** (М.Фарҳат)

4. Ғозиён **кўҳи баланду босафову дилбар аст**

   Ғозиён **љои кабўтарҳои хушболу пар аст.** (К.Девона)

5. Иттифоқи бародаронаи мо

   Дар љаҳон **безаволу беҳамтост.** (М.Турзунзода)

6. **Писару духтарони як падарем**

   **Шўълаи офтоби як саҳарем.** (М.Турсунзода)

Дар ин гурўҳи мисолҳо калима ва ибораҳои мазкур аз хабарҳои содда, таркибї, тафсилї ва чидаи номї иборат буда пас аз мубтадо ва аъзоҳои пайрави љумла дар охири љумла воқеъ гардидаанд.

Боз якчанд мисоли дигар:

1. Шукўҳи олам аз ман **дур,**

   **Фурўзон аст пур аз нур.**

   **Вале зиндон заҳу тор аст,**

   Дараш **қулф асту бас манфур.** (М.Љалил)

2. Он  чунон қонун, ки бахти одамият **дар вай аст,**

   Ҳам саодат, ҳам шараф, ҳам шаъну шавкат **дар вай аст.** (Ҳ.Юсуфй)

"Як хусусияти сохти синтаксисии назму насри забони адабии ҳозираи тољик боз дар он аст, ки дар вай хабарҳои номии ҳархела ва мубтадоҳои ҳархела чида шуда омада, гурўҳи махсуси љумлаҳои мураккаби пайвастро ташкил медиҳанду дорои тобишҳои гуногуни маъної мебошанд".

Мисолҳо:

1. Зимистон гузошта, шуда навбаҳор

   Фалак **беғубору** замин **сабзазор.** (С.Айнї)

2. Ғазабаи **оташу** қаҳрам **тир аст,**

   Синаам **тўпу** парам **шамшер аст.** (М.Турсунзода)

3. Ту **боақлї,** ту **зебої,**

   Ту **зебои рўи дунёї.** (Ғ.Мирзо)

4. Калону хурд мо **бисёр будем,**

   Ҳама – **ҳарранг, нотакрор будем.**

   Яке – **инљиқ,** дигар – **шўхе** муқаррар,

   Яке – **танбал,** дигар – **чаққони худсар.** (Ғ.Мирзо)

Ҳамин тавр, љои хабарҳои номї ва ёридиҳандаи феълї дар назм, қатъй назар аз чиҳати тарзи ифодаёбй, монанди забони наср вобаста ба вазн, қолиби шеър ва хусусиятҳои сохти синтаксисии назм дар аввали љумла, дар мобайн ва дар охири љумла омада метавонанд.

Мисолҳо:

1. Лаб ба хун **ташна,** панљааш **хунрез,**

   Бабрсон нохунаш **даррандаву тез.** (П.Сулаймонї)

2. Солҳое, ки ман **љавон будам,**

   **Бехабар** аз гапи љаҳон **будам.** (М.Турсунзода)

3. **Љўраи мо** милтиқу **шамшер шуд,**

   **Улфату ҳамсўҳбати мо** тир **шуд.** (М.Турсунзода)

# Х У Л О С А

Ба ин тариқ, тадқиқоте, ки дар соҳаи хабарҳои номї карда шудааст, нишон медиҳад, ки онҳо дар забони адабии ҳозираи тољик категорияи махсуси синтаксисї буда, дорои шаклҳои гуногун ва таркибҳо мебошанду дар асоси инкишофи дохилии забон ва сохти грамматикии он зуҳур ёфтааст. Доир ба хабарҳои номї ва тарзи ифода ёфтани онҳо, сохт ва таркиби хабарҳои номї ва дигар масъалаҳои хабар ҳамчун сараъзоҳои љумла ба таври пурра корҳои тадқиқотї бурда нашудаанд. Дар масъалаи ташаккули хабарҳои номї ва феълї ба муайян кардани ҳудуди хабарҳои феълии таркибї ва номї то ҳол ягон хел формулировкаи аниқ дар забоншиносии тољик қариб дида намешавад. Доир ба масъалаи хабарҳои номии пешоянддор ва пуркунандаҳои бевоситаю ҳоли макон, фарқи онҳо аз якдигар, инчунин ба воситаи сифатҳои феълї ифода ёфтани хабар дар забоншиносии тољик як критерияи равшан барқарор карда нашудааст, ки ин боисиноравшанї ва ноқисии грамматикаҳои нормативии мактабй гардидааст.

Ҳамин тавр, факт ва далелҳое, ки дар ин кори тадқиқотии ман гирд оварда шудааст, ҳамчун аз дарё қатрае ба пуррашавии масъалаи синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик кўмак хоҳад дод.

Кори хатмии малакавии ман "Усули таълими таҳлили ҷумлаҳои содда дар синфи VIII" ном дошта онро ҳамчун кори хатмї малакавї интихоб намуда, аз рўи нақшаи тартибдодаам тадқиқу таҳлил намудан дар назар дошта шуд.

Сохт ва структураи кори хатмии малакавии ман чунин аст: муқаддима, ду боб, хулоса, феҳрасти адабиётҳои истифодашуда. Дар муќаддимаи кори хатмї оиди масъалаҳои зарурати интихоби мавзўъ, дараҷаи омўзиши он, навоварии илмии кори хатмї, маќсад ва вазифаҳои кор, предмет ва объекти кори малакавї ва сохти кори илмї сухан рафта, дар боби аввал, ки "Усули таҳлили ҷумлаҳои соддаи дутаркиба дар синфи VIII" номдорад, фикру мулоҳизаҳои оиди масъалаи мазкури мо иброз гаштааст. Боби дуввуми кор, ки "Усули таълими таҳлили ҷумлаҳои соддаи яктаркиба" ном дорад, фикру мулоҳизаҳои оиди ин масъала доштаи моро ифода менамояд. Дар хулосаи кор аќидаҳои хулосавї ва ҷамъбастии мо гирд омадаанд ва дар охири кор рўйхати адабиётҳои истифода гардида илова карда шудааст.

## РЎЙХАТИ АДАБИЁТҲО:

### 1. Адабиёти сиёсӣ:

1. **Каримов И.А.** Кучли давлатдан кучли жамият сари. - Тошкент, Шарқ, 1998, 15-бет.

2. **Каримов И.А.** Ўзбекистон буюк келажак сари. – Тошкент, Ўзбекистон, 2000 йил, 5-бет.

3. **Каримов И.А.** Жамиятимиз мафкураси халқни-халқ, миллатни-миллат қилишга хизмат этсин.
- Тошкент, 1998, 13-бет.

4. **Мирзиёев Ш.М.** Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017. – 488 б.

5. Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси тўғрисида // Халқ сўзи. – 2017 йил 8 февраль, № 28 (6722). –Б.1-2

6. Адабиёт ва санъат, маданиятни ривожлантириш – халқимиз маънавий оламини юксалтиришнинг мустаҳкам пойдеворидир. Ўзбекистон Республикаси Президенти Шавкат Мирзиёевнинг 2017 йил 3 август куни

мамлакатимиз ижодкор зиёлилари вакиллари билан учрашувда сўзлаган нутқи // Халқ сўзи. – 2017 йил, 4 август.

## 2. Адабиёти илмӣ:

1. **Атобуллаев С.** Љумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии ҳозираи тољик. Душанбе, 1975с
2. **Гадоев Б.** Карточкаҳо аз забони модарї. Нашриёти “Ирфон”, Душанбе – 1978с. (93 саҳифа).
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тољик (қисми 2), Нашриёти “Дониш”, Душанбе – 1986с. (371 саҳифа)
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тољик. Фонетика ва морфология. Китоби дарсї барои мактабҳои олӣ, қисми 1, Душанбе – 1973с.
5. Забони адабии ҳозираи тољик (қисми 1). Нашриёти “Ирфон”, Душанбе, 1973с. (450 саҳифа).
6. Забони адабии ҳозираи тољик. Барои студентони факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Душанбе – 1970с.
7. Забони тољикї (қисми 2) синтаксис, барои синфҳои VII-VIII, Нашриёти «Маориф», Душанбе -1987с. (207 саҳифа).
8. **Қудратов Т.М.** Лингвистик таҳлил.
9. **Набиев М.** Забони адабии ҳозираи тољик. Душанбе, «Маориф», 1992 с. (175 саҳифа)
10. **Нафасов Т.** Лингвистик таҳлил, «Ўқитувчи», Тошкент, 1989 с.
11. **Ниёзмуҳаммадов Б.** Забоншиносии тољик, Душанбе – 1971 с.
12. **Рустамов Ш.** Мушкилоти синтаксис. Душанбе, «Маориф», 1986 с. (340 саҳифа).
13. **Рустамов Ш., Каримов А., Аминов С.** Забони тољикї барои синфи VIII. Нашриёти «Маориф», Душанбе – 1989с. (141 саҳифа)
14. **Хољаев Д., Кабиров Ш.** Синтаксис ва пунктуатсия.“Маориф”, Душанбе, 1991с. (58 саҳифа).

15. **Эшонљонов А.** Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодашавии онҳо. Нашриёти “Ирфон”,Душанбе – 1979с. (82 саҳ.).

## Сайтҳои интернет

- bse39.medtour.info ›podrobno/tadzhikskiy_yazyk…
- aphorisme.ru›about-authors/mirzozoda/…
- tg.wikipedia.org›этимология
- omuzgor.my1.ru›load…tochiki/zaboni_tochik…pdf…
- isbn.tj›books…t…zaboni-adabii-hozirai-tochik.html